ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ: БОЗГАШТ БА ХОТИРАҲО с. 8

РУСИЯ БА МУҲОҶИРОН САБУКӢ МЕДИҲАД? с. 3

ХУДКУШИИ ВАЗИР БАЪДИ БАРКАНОРӢ с. 4





# ТОҶИКИСТОН

№28 (1641), 9.07.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


## ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

### Гардиши тиҷорат ба $500 миллион мерасад



саҳ.2





ДАР ИН ШУМОРА:


**КОР ДАР КОРЕЯ**

Ба куҷо ва бо кадом ҳуҷҷатҳо бояд муроҷиат кард? с.3

**ПРЕЗИДЕНТИ ЭРОН:**

Мо тавони дифоъ аз худро дорем с.4

**ТАҲСИЛ ДАР КОЛЛЕҶ**

Мӯҳлат кам шуд. Чаро? с.5

**АФҒОНИСТОН**

Тӯфони инқилоб с.6

**ПАХТА**

Содирот қатъ, истеҳсол зиёд мешавад с.7

**ФОҶЕИ ФАРХОР**

Бемори рӯҳӣ ё қасос барои зани дуюм с.11

**САНГИН ГУЛОВ:**

Беҳтаринҳо муаллим мешаванд с.13

**ВАРЗИШ**

12 паҳлавони тоҷик дар Ulaanbaatar Grand Slam 2025 с.15

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иктисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.



# ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

## Гардиши тиҷорат ба $500 миллион мерасад

**САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҚИРҒИЗИСТОН САДИР ЖАПАРОВ БА ТОҶИКИСТОН, КИ РӮЗҲОИ 8-9-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 2025 БАРГУЗОР ГАРДИД, МАРҲИЛАИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ДУ КИШВАРИ ҲАМСОЯРО ДАР САТҲИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА БАШАРДӮСТОНА БОЗ НАМУД. ДАР ДОИРАИ ИН САФАР МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛӢ БО ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ПРЕЗИДЕНТИ ҚИРҒИЗИСТОН САДИР ЖАПАРОВ БАРГУЗОР ГАРДИД. ДАР НАТИҶА, ҶОНИБҲО 13 САНАДИ НАВИ ҲАМКОРИРО БА ИМЗО РАСОНИДАНД ВА ДУ ГУЗАРГОҲИ МУҲИМИ МАРЗӢ - “ТОҶВАРОН - ҚАРАМИҚ”-РО РАСМАН БОЗ НАМУДАНД.**



### БОЗ ШУДАНИ ГУЗАРГОҲҲОИ МАРЗӢ

Дар доираи сафари Президенти Қирғистон ба Тоҷикистон маросими ифтитоҳи ду гузаргоҳи марзии “Тоҷварон - Қарамиқ” баргузор шуд. Сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Садир Жапаров ба таври маҷозӣ дар бозкушоии ин марз иштирок намуданд. Ифтитоҳи ин гузаргоҳҳо барои рушди робитаҳои тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни минтақаҳои наздимарзии Лахши Тоҷикистон ва Чон-Алайи Қирғизистон заминаи нав фароҳам меорад.

### 13 САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ 13 санади муҳими ҳамкорӣ ба имзо расид, ки соҳаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Созишномаҳо дар самти геодезия, заминсозӣ, саноат, стандартизатсия, сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист ва тандурустӣ, барномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷӣ барои солҳои 2026-2027, таъсиси Шӯрои байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон ва Шӯрои корӣи муштарак, ёддошти тафоҳум дар самти илм, хизматрасонии давлатӣ ва дигар бахшҳои муҳим аз ҷумлаи санадҳои нави имзошуда мебошанд.



### ДӮСТИИ АБАДӢ

Дар доираи сафари давлатии Президенти Қирғизистон ба Тоҷикистон дар толори бошукӯҳи “Кохи Борбад” барномаи фарҳангии арбобони санъати Тоҷикистону Қирғизистон бо номи “Дӯстии абадӣ” баргузор гардид. Дар чорабинии фарҳангӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Қирғизистон Садир Жапаров иштирок намуданд.

“Баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ идомаи анъанаи неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамҷаворӣ ва омили муҳими рушду густариши робитаҳои гуногунҷанба ба манфиати мардумони ҳар ду кишвар мебошад”,- таъкид мекунад хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**



# КОР ДАР КОРЕЯ

## Ба куҷо ва бо кадом ҳуҷҷатҳо бояд муроҷиат кард?

**Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Тоҷикистон аз оғози сабтином барои кор дар Кореяи Ҷанубӣ иттилоъ медиҳад. Аз ин ниҳод ба Pressa.tj гуфтанд, ки сабти ном ва имтиҳон аз 7 то 17-уми июл давом мекунад.**



### АЗ 18 ТО 39-СОЛА

Гуфта мешавад, ки Кореяи Ҷанубӣ муҳоҷиронро бо музди маоши аз 2 ҳазору 500 доллар боло ба кор даъват карда, хароҷоти роҳ, ҷойи хоб ва хӯрокро ҷониби корфармо пардохт мекунад.

Ёдовар мешавем, ки Кореяи Ҷанубӣ муҳоҷиронро барои кор дар соҳаҳои сохтмон, истеҳсолот, кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳо даъват мекунад. Синну соли занону мардони довталаб аз 18 то 39-сола бояд бошад.

Аз Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Тоҷикистон хабар медиҳанд, ки соли ҷорӣ 800 нафар барои кор ба ин кишвар фиристода мешаванд.

Нафароне, ки мехоҳанд ба Кореяи Ҷанубӣ ба кор раванд, бояд ба Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Тоҷикистон ва шуъбаҳои он дар шаҳру навоҳӣ муроҷиат кунанд.

Гуфта мешавад, ки барои бақайдгирӣ ва супоридани имтиҳон довталаб бояд шахсан ба Агентӣ ва шуъбаҳои он ҳозир шавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки барои супоридани имтиҳон 330 сомонӣ пардохт кардан лозим аст.

### ТАЛАБОТ ВА НОМГӮЙИ ҲУҶҶАТҲО

**Ба довталабон зарур аст:**

*- донистани забони кореягӣ дар сатҳи муошират (имтиҳони EPS TOPIK);*

*- доштани шаҳодатномаи тахассусӣ;*

*- надоштани доғи судӣ;*

*- солим будан аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ.*

**Довталабоне, ки аз имтиҳон мегузаранд ва интихоб мешаванд, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро таҳия кунанд:**

*- шакли электронии шиносномаи хориҷӣ (сифати баланд, 55-60 Кб, 600×400 пиксел);*

*- расми ранга (3,5×4,5см, дар пасманзари сафед, бо костюми сиёҳ, JPG, 13-14 Кб);*

*- маълумоти пурра дар бораи ҷойи истиқомат;*

*- рақами телефон, ки бо барномаи "WhatsApp" пайваст аст.*

### БА КУҶО БОЯД МУРОҶИАТ КАРД?

Тавре ишора шуд, хоҳишмандон (занону мардони аз 18 то 39-сола) барои машварат ва сабти ном бояд ба Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Тоҷикистон ва шуъбаҳои он дар шаҳру навоҳӣ муроҷиат кунанд.

**Суроға ва рақами телефони Агентиро "Тоҷикистон" дарёфт кард, ки онро манзури шумо мегардонем:**

**Шаҳри Душанбе**
*кӯчаи Лоҳутӣ, 108*
*Тел.: 221-39-67, +992 555 55 10 80, +992 98 790 66 66, +992 91 576 77 43, +992 93 093 49 94, +992 93 453 51 93, +992 88 822 00 26, +992 90 688 93 13*

**Шаҳри Хуҷанд**
*маҳаллаи 28, бинои 2А*
*Тел.: +992 92 807 99 99*

**Шаҳри Бохтар**
*кӯчаи Файзалӣ Саид, 69*
*Тел.: +992 90 580 00 63, +992 93 487 88 28*

**Шаҳри Хоруғ**
*кӯчаи Н. Атобек, 16*
*Тел.: +992 93 510 14 39*

### РУСИЯ БА МУҲОҶИРОН САБУКӢ МЕДИҲАД?

**Ҳукумати шаҳри Санкт-Петербурги Русия қарори қаблан эълоншуда дар бораи манъи кори муҳоҷиронро дар соҳаи таксӣ ва боррасонӣ (курйер) бекор кард.**

Сабаби ин тасмим норасоии шадиди ронандагон дар шаҳр гуфта мешавад. Ба гуфтаи Алексей Сивилёв, раиси Комиссия оид ба нақлиёти Маҷлиси қонунгузории ин шаҳр, аз 65 ҳазор таксӣ 34 ҳазортои он ғайриқонунӣ - бе сабти ном, пардохти андоз ва гирифтани патент кор мекунанд. Мақомот тасмим гирифтаанд, ки ба ҷои манъи таксиронӣ ба муҳоҷирон кирокашҳои ғайриқонуниро ба тартиб дароранд.

Ҳамчунин, ба муҳоҷирон боррасонӣ ё курйериро низ иҷоза доданд.

Коршиносон ҳадс мезананд, ки дар дигар манотиқи Русия эҳтимол ба муҳоҷирон сабукиҳо дода шавад.

## САРИ САБЗ



**Насима ҶОНШОЕВА, тарроҳи таҷрибадор**

**- Бисёр духтарон орзу доранд, ки бренди либоси худро дошта бошанд. Ба хулосае омадам, ки чаро худам низ кӯшиш накунам? Тарроҳӣ барои ман то ҳол шуғлест, ки имкон медиҳад аз кори асосии худ каме дур шавам ва танҳо лаззат барам.**

*- О, боз ҳама мегӯянд, ки одам бояд пеш аз ҳама касбаш, яъне кори асосии худро дӯст дораду аз он лаззат барад ку! Ё ин шуғл - тарроҳӣ бартариятҳо ва ё ягон фоидаи калон дорад?*



**Чоршанбе АЛОВАТОВ, ҳунарманди тоҷик**

**- Ман барои шумо як хоначае сохтам, ки дар он меҳр аст, муҳаббат аст, мусиқӣ аст. Ин хонача "Alovatov music academy" ном дорад ва дар ин ҷо ба шумо тарзи суруд хондан ва навохтани асбобҳои мусиқиро меомӯзонам.**

*- Дар ин хоначаи сохтаатон хӯрокҳои наҳор, нисфирӯзиву бегоҳирӯзӣ ҳам ҳаст? Агар бошад, сад дар сад боварӣ дорем, ки давоми як моҳ шумораи "шогирдон"-атонро ҳисоб кардан душвор мешавад.*



**Парвин ШАМИЛОВА, рассоми асарҳои рақамӣ**

**- Як асари ман тахминан аз 100 то 200 доллар арзиш дорад… Вале муддате мешавад, ки дилсард шудаам ва матолиби нав нашр намекунам. Ҳайрон мондаам: агар нашр накунам, фармоиш намешавад, агар нашр кунам, онҳоро дуздида истифода мебаранд.**

*- Як роҳи асосӣ ҳаст, ки истифода набурда истодаед. Асардуздҳоро ба суд диҳед ва ҷуброни калон талаб кунед. Агар аз чанд нафар ҷуброн ситонида тавонед, асарҳои дигари дуздишударо мепӯшонад.*

## ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

(Аввалаш дар саҳ. 2)

### АФЗОИШИ БЕСОБИҚАИ САВДОИ ДУҶОНИБА

Тибқи маълумоти Хадамоти гумруки Тоҷикистон, дар панҷ моҳи аввали соли 2025 ҳаҷми савдо байни ду кишвар ба 6,35 миллион доллар расидааст. Барои муқоиса, дар ҳамин давраи соли гузашта ин рақам ҳамагӣ 405,1 ҳазор доллар буд. Содироти Тоҷикистон ба Қирғизистон 1,59 миллион доллар ва воридот аз Қирғизистон 4,76 миллион долларро ташкил медиҳад.

"Барои расидан ба ин ҳадаф заминаи мусоид ва иқтидори иқтисодии ҳар ду кишвар басанда аст",- изҳор дошт вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон.

Ин афзоиши бесобиқа нишондиҳандаи беҳтар шудани фазои ҳамкорӣ ва эътимоди нав дар муносибатҳои иқтисодии ду кишвар мебошад.

### ДУРНАМО $500 МИЛЛИОН

Дар мулоқоти вазирони рушди иқтисод ва савдои ду кишвар - Завқӣ Завқизода ва Бакит Сидиков ҳадафҳои стратегӣ оид ба расониданидани ҳаҷми савдои дуҷониба ба 500 миллион доллар дар миёнамуҳлат иброз гардид. Барои расидан ба ин ҳадаф "Харитаи роҳ" таҳия мешавад, ки ба соҳаҳои соддасозии расмиёти гумрукӣ, рақамикунонӣ, транзити мол ва таҳкими долонҳои тиҷоратии минтақавӣ нигаронида шудааст.

### АЗ МУНОҚИША БА ҲАМКОРӢ

Соли 2025, пас аз давраҳои мушкил ва муноқишаҳои солҳои гузашта, як гардиши мусбат дар муносибатҳои ду кишвар мушоҳида мешавад. Таҳлилгарон ин тағйиротро ба муколамаи фаъоли сиёсатмадорон, ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ ва иродаи устувори роҳбарияти ду кишвар рабт медиҳанд.

Сафари Президенти Қирғизистон на танҳо рамзи эҳёи равобити дипломатӣ, балки оғози як модели нави ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ мешавад. Агар ин раванд бо чунин суръат идома ёбад, расидан ба ҳаҷми 500 миллион доллари гардиши савдо байни ду кишвар имконпазир хоҳад буд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## Русия "Толибон"-ро ба расмият шинохт

**Русия Аморати Исломии Афғонистонро ба расмият шинохта, ба сафири ҳукумати "Толибон" Гул Ҳасан иҷозаи кор дар Сафорати Афғонистон дар Маскавро додааст.**



Дар ин бора хабаргузории ТАСС дар такя ба Вазорати корҳои хориҷии Русия хабар медиҳад. Гуфта мешавад, ки тасмими ба расмият шинохтани Толибон аз ҷониби Владимир Путин бо пешниҳоди Сергей Лавров гирифта шудааст. Ҳамчунин тибқи гузоришҳо парчами ҳукумати Толибон дар болои сафоратхонаи Афғонистон дар Маскав овехта шудааст.

ТАСС

## Гузашти Америко ба ҳукумати Аш-Шаръ

**Ҳукумати Америко гурӯҳи "Ҳайати Таҳрири Шом"-ро аз феҳристи созмонҳои террористӣ берун кард.**



Гурӯҳи "Ҷабҳа Ан-Нусра" пас аз ҷудоӣ аз "Ал-Қоида", ба "Ҳайати Таҳрири Шом" тағйири ном кард. Бисёре аз мақомҳои сиёсӣ ва амниятии ҳукумати нав дар Сурия аз аъзои фаъоли ин гурӯҳ ба шумор мераванд. Доналд Трамп, президенти Америко дар миёнаҳои моҳи майи имсол бо Аҳмад Аш-Шаръ, раисҷумҳури нави Сурия дар Риёз дидор кард ва таҳримҳои ИМА алайҳи ин кишварро сабук намуд.

Ёдовар мешавем, ки моҳи декабри соли 2024 ҳукумати Башор Асад аз сӯи "Ҳайати Таҳрири Шом" сарнагун шуд.

AP

### Масъуди Пизишкиён:

# МО ТАВОНИ ДИФОЪ АЗ ХУДРО ДОРЕМ!

**Пас аз ҳамлаи Исроил ба Эрон ва ҷанги 12-рӯза миёни ин кишварҳо журналисти маъруфи америкоӣ Такер Карлсон бо раисҷумҳури Эрон Масъуди Пизишкиён мусоҳиба анҷом дод. Чанд суолу посухи муҳими ин мусоҳибаро манзури шумо мегардонем.**




**Такер Карлсон (Т.К.): Шумо аз сулҳ сухан мегӯед ҷаноби раисиҷумҳур! Аз сӯйи дигар, Доналд Трамп, Президенти Америко низ муътақид аст, ки ҳамлаи ахири давлати Америко ба таъсисоти ҳастаии Эрон ношӣ аз ин бовар сурат гирифта, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳозир нест аз барномаи ҳастаии худ даст бикашад. Ба фикри оқои Трамп, дастёбӣ ба сулҳ имконпазир нахоҳад буд магар он ки Эрон аз идомаи ин барнома сарфи назар кунад. Оё моил ҳастед, ки дар масири расидан ба сулҳ аз барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон чашмпӯшӣ кунед?**

**Масъуди Пизишкиён (М.П.):** Воқеият ин аст, ки Натанёҳу аз соли 1992 ин зеҳниятро илқо карда, ки Эрон ба дунболи силоҳи ҳастаӣ аст ва ҳар раисиҷумҳуре, ки дар Америко рӯйи кор омада, ҳамин тасаввурро дар зеҳни ӯ тақвият кардаанд. Ӯ талош карда, ин дурӯғро ба руасои ҷумҳури Америко илқо кунад, ки Эрон дар пайи силоҳи ҳастаӣ аст. Мо ба ҳеч ваҷҳ ба дунболи силоҳи ҳастаӣ набудаем, нестем ва нахоҳем буд. Ин дастур ва фатвое аст аз сӯйи мақоми муаззами раҳбарӣ содир шуда ва дар ҳамкории комили мо бо Ожонси байналмилалии энержии атомӣ ростиозмой шуда, аммо мутаассифона бо рафтори онҳо, ин раванд мухтал шуд.

**Т.К.: Оё ин ба он маъност, ки шумо таъйид мекунед гузоришҳое, ки хокӣ аз қатъи ҳамкории Ҷумҳурии Исломии Эрон бо Ожонси байналмилалии энержии атомӣ аст, сиҳат дорад? Дар чунин шароите, дигар роҳе барои огоҳӣ аз мизони ураниуми мавҷуд, дарсад ва сатҳи ғанисозӣ вуҷуд надорад ва амалан ҷомеаи ҷаҳонӣ намедонад, ки Эрон дар чорчӯби барномаи ҳастаии худ чӣ иқдомоте анҷом медиҳад. Ба назари шумо, аз ин пас чӣ гуна метавон фароянди ростиозмоиро дар бораи барномаи ҳастаии Эрон анҷом дод? Ва оё ин имкон вуҷуд дорад, ки кишварҳои дигар битавонанд дар ин масир мушорикат дошта бошанд?**

**М.П.:** Мо бар сари мизи музокира будем. Дар ҳоли гуфтугӯ будем ва раисиҷумҳури Америко барои эҷоди сулҳ моро даъват карда буд. Дар он ҷаласа ба мо гуфтанд, то замоне, ки мо иҷоза надиҳем, Исроил ҳамла нахоҳад кард. Аммо дар ҷаласаи шашум, дар ҳоле, ки мо ҳамчунон дар ҳоли музокира будем, амалан рӯи мизи музокира бомб андохтанд ва дипломатияро нобуд карданд. Бо ин ҳол, дар бораи назорат, бидуни тардид омодаем муҷаддадан вориди гуфтугӯ шуда ва ростиозмой кунем. Мо ҳаргиз аз ростиозмой фирор накардаем ва омодагӣ дорем, ки боз ҳам баррасӣ анҷом шавад, вале мутаассифона, дар пайи ҳамлаи Америко ба таъсисоти ҳастаии мо, бисёре аз таҷҳизот ва амокин тахриб шуда ва дастрасӣ ба онҳо ба соддагӣ мумкин нест. Бояд сабр кунем, то бубинем, оё имкони дастрасии муҷаддад вуҷуд дорад ё хайр.

**Т.К.: Ҷаноби олӣ, ишора фармудед, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамвора аз ҷанг дурӣ карда ва дар пайи истифода аз масири дипломатӣ барои ҳаллу фасли ихтилофот бо Иёлоти Муттаҳидаи Америко будааст, аммо ногаҳон ин раванд бо ҳаводиси охир табдил шуд. Акнун моилам бипурсам, оё омодагии онро доред, ки бори дигар оғози тозае дар масири дипломатӣ дошта бошед? Ба иборати дигар, оё имкони як «шуруъ» дар музокирот вуҷуд дорад? Ва агар чунин аст, аз дидгоҳи шумо, тавофуқи матлуб бо Америко бояд ба чӣ шакле ва бар чӣ асосе ҳосил шавад?**

**М.П.:** Ба назарам, мо метавонистем хеле роҳат бо гуфтугӯ мушкилотамонро ҳал кунем. Чорҷӯби гуфтугӯҳо метавонад бар асоси қавонини байналмилалӣ ва ҳуқуқи кишварҳо бошад. Мо ҳеч хостае ҷуз эҳтиром ба қавонини байналмилалӣ надошта ва надорем. Ин Натанёҳуст, ки минтақаро дучори ошӯб карда ва талош карда гуфтугӯи моро мухтал кунад. Мо ба дунболи сулҳ ҳастем. Бовари ман ин аст, ки дар дунёи кӯчаки мо, инсонҳо бояд дар сулҳу оромиш канори ҳам зиндагӣ кунанд, аммо ба мо ҳамла шуд. Миллати мо тавони дифоъ аз худро дорад. Ман муътақидам, раисиҷумҳури Америко метавонад минтақаро ба самти сулҳу амният ҳидоят кунад ё онро вориди як ҷанги бепоён кунад.

(Давомаш дар саҳ. 10)



## ХУДКУШИИ ВАЗИР БАЪДИ БАРКАНОРӢ

**Роман Старовойт, вазири нақлиёти Русия, ки рӯзи 7-уми июл аз мақомаш барканор шуда буд, худкушӣ кардааст.**

Гуфта мешавад, ки вазири собиқ дар дохили мошинаш худашро паррондааст. Телеграм-канали Mash навиштааст, як сабаби даст ба худкушӣ задани вазири собиқ оғози парвандаи ҷиноӣ аст. Гуфта мешавад, Старовойт ба он муттаҳам мешуд, ки ҳангоми кораш дар мақоми волии Курск даст ба қаллобӣ задааст.




## ҲУКМИ БОЗДОШТИ ОХУНЗОДА ВА ҲАҚҚОНӢ

**Суди байналмилалии ҷиноӣ дар Гаага ҳукми боздошти Ҳайбатулло Охунзода, раҳбари Толибон ва Абдулҳаким Ҳаққонӣ, қозии ин гурӯҳро ба иттиҳоми "иртикоби ҷиноят алайҳи башар аз навъи озор ва азият ба далелҳои ҷинсиятӣ ва сиёсӣ" содир кардааст.**

Дар хабарномае, ки рӯзи 8-уми июл нашр шуд, гуфта мешавад, ки бар асоси моддаи 7-и асосномаи Рум, озору азияти систематикӣ алайҳи занон, духтарон ва дигар афрод ба далоили ҷинсиятӣ ва сиёсӣ ҷиноят алайҳи башарият ба шумор меравад. Суд ба ин ҷиноятҳо раҳбарияти Толибонро гунаҳгор медонад. Забеҳуллоҳ Муҷоҳид, сухангӯи ҳукумати Толибон дар вокуниш ба ин ҳукм гуфт, ки ин судро ба расмият намешиносанд.

# МУҲЛАТИ ТАҲСИЛ ДАР КОЛЛЕҶҲО КАМ ШУД

## Таҳсили дуалӣ чӣ бартарият дорад?




**Парлумони Тоҷикистон бо қабули Қонуни нав "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ" муҳлати таҳсил дар муассисаҳои коллеҷиро кӯтоҳ кард.**

Бар асоси тартиби нав, ки аз моҳи сентябри соли 2025 ба амал медароянд:

- Барои хатмкардагони синфи 9 муҳлати таҳсил дар коллеҷҳо аз то 4 сол ба то 3 сол кам карда мешавад;

- Барои хатмкардагони синфи 11 муҳлат аз 3 сол ба 2 сол коҳиш меёбад.

Ин тағйирот танҳо ба донишҷӯёне дахл дорад, ки таҳсилро аз соли хониши 2025-2026 оғоз мекунанд.

Мақомот мегӯянд, ки ҳадаф аз тағйироти мазкур коҳиши давомнокии таҳсил, суръат бахшидан ба омодасозии мутахассисон ва самараноктар намудани низоми таҳсилоти касбӣ мебошад.

Коршиносон мегӯянд, ки шаклҳои нави таҳсил - таҳсили дуалӣ аст.

Таҳсили дуалӣ (Dual Education) - ин низоми таълим назарияро бо амалия якҷоя мекунад. Донишҷӯён қисми вақтро дар коллеҷҳо ва қисми дигарро дар корхона ё ташкилот мегузаронанд. Ин низом имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз оғози таҳсил дар амалия ва раванди кор бошанд.

Ёдовар мешавем, ки дар Тоҷикистон 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт, аз ҷумла техника ва технология, нақлиёт, энергетика, меъморӣ ва сохтмон, кишоварзӣ ва ғайра мутахассис омода мешавад. Ҳамчунин 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 10 самт, аз ҷумла омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ, ҳуқуқ кадр омода мекунанд.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

# ВАКОЛАТНОМА ДУ БАРОБАР ГАРОН ШУД

**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули тағйирот ба Қонун "Дар бораи боҷи давлатӣ" ҳақи тасдиқи ваколатнома барои истифода ва ихтиёрдории воситаҳои нақлиётро зиёд кард.**



Бар асоси тағйироти нав:

- Барои фарзанд, фарзандхонда, ҳамсар ва падару модар ҳақи тасдиқи ваколатнома аз 18,75 сомонӣ (25% нишондиҳанда барои ҳисобхо) ба 37,5 сомонӣ (50%) зиёд шуд.

- Барои бародару хоҳар, набера, бобову бибӣ аз 37,5 сомонӣ (50%) ба 75 сомонӣ (100%) расонида шуд.

- Барои шахсони дигар (воқеӣ ва ҳуқуқӣ), ки бо ҳуқуқи истифодаи воситаи нақлиёт ваколатнома медиҳанд, ҳизматрасонӣ аз 150 сомонӣ (2 нишондиҳанда) ба 300 сомонӣ (4 нишондиҳанда) боло рафт.

- Ҳақи ваколатнома бо ҳуқуқи ихтиёрдорӣ бошад, аз 1 125 сомонӣ (15 нишондиҳанда) ба 2 250 сомонӣ (30 нишондиҳанда) баробар гардид.

# ПАРВОЗҲОИ ДУШАНБЕ - ТЕҲРОН БАРҚАРОР МЕШАВАНД

**Ширкати эронии "Varesh Airlines" эълон кард, ки аз 10-уми июл парвозҳои мустақим дар масири Душанбе - Теҳрон - Душанбе дубора ба роҳ монда мешаванд. Дар ин бора намояндагии ширкат дар пойтахти Тоҷикистон хабар дод.**




Ба иттилои манбаъ, парвозҳо дар ин масир баъди таваққуфи тақрибан якмоҳа бинобар даргириҳои охир миёни Эрон ва Исроил ва баста шудани фазои ҳавоии Ҷумҳурии Исломӣ, аз сар гирифта мешаванд.

"Varesh Airlines" ҳамчунин рӯзи 4-уми июл парвозҳоро дар масири Душанбе - Машҳад - Душанбе барқарор кард.

Тибқи ҷадвали нави парвозҳо, ҳар ҳафта аз Душанбе ба Теҳрон ва баръакс чор парвоз анҷом дода мешавад: рӯзҳои душанбе ва ҷумъа тавассути "Somon Air" ва рӯзҳои панҷшанбеву якшанбе бо ширкати "Varesh Airlines".

Дар масири Душанбе - Машҳад - Душанбе бошад, парвозҳо ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа аз ҷониби "Varesh Airlines" анҷом мешаванд.

Қаблан, дар пайи шиддат гирифтани танишҳо дар Ховари Миёна ва бастани фазои ҳавоии Эрон, парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоии "Somon Air" ва "Varesh Airlines" аз Душанбе ба шаҳрҳои Теҳрону Машҳад ва баръакс муваққатан қатъ шуда буданд.

## РЕЗААХБОР

Дар шаҳри Душанбе бунёди зеристгоҳи нави барқии 220 кВ ба нақша гирифта шудааст. Маркази матбуоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки ин тасмим рӯзи 4-уми июл дар мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа бо роҳбари намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон Имаем Сэйдзю гирифта шудааст. Гуфта мешавад, ки татбиқи ин лоиҳа барои таҳкими устувории шабакаи энергетикӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии таъминоти барқ дар пойтахт аҳамияти муҳим дорад.

***

Раёсати муҳоҷирати Литва пешниҳоди бастани маркази хизматрасонии раводид дар Душанберо кардааст. Ба гуфтаи ин мақомот шаҳрвандони Тоҷикистон баъд аз поёни муҳлати иҷозати иқомат, кишварро сари вақт тарк намекардаанд. Аз ҳамин лиҳоз, марказ мумкин аст то тирамоҳ баста шавад. Тоҷикистон ҳанӯз расман ба ин иқдом вокуниш накардааст.

***

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Идораи маорифи шаҳри Сежонги Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ Ёддошти тафоҳумро дар соҳаи таҳсилоти рақамӣ имзо намуданд. Ҳуҷҷати мазкурро дар шаҳри Душанбе Ҳомид Ҳошимзода, муовини якуми вазири маориф ва илми Тоҷикистон ва Чхве Гё Чин, директори Идораи маорифи шаҳри Сежонг имзо карданд. Санади мазкур то соли 2028 пешбинӣ шудааст.

***

Дар шаҳри Душанбе машварати коршиносони мақомоти салоҳиятдори давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) оид ба таъсиси Маркази зиддимуҳаддиротии СҲШ баргузор гардид. Бино ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, дар ҷараёни машварат лоиҳаи Созишнома дар бораи таъсиси Маркази зиддимуҳаддиротии СҲШ дар шаҳри Душанбе мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳадафи таъсиси марказ тақвияти ҳамоҳанг сохтани фаъолияти кишварҳои узв дар мубориза бо таҳдидҳои марбут ба маводи мухаддир, мубодилаи саривақтии иттилоот ва татбиқи чораҳои муштараки амалӣ арзёбӣ мешавад.

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД


*Муҳаммад Довудхон*


*Нурмуҳаммад Таракӣ̣*




*Бабрак Кармал*


*Генерал Абдул Қодир*

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

## ТӮФОНИ ИНҚИЛОБИ САВР

Соли 1978. Афғонистон зери сояи режими Муҳаммад Довуд қарор дошт. Шаҳри Кобул зоҳиран ором, аммо дар ботин пурталотум буд. Он чизе, ки ба чашмони оддӣ намоён набуд, оҳанги таҳаввул буд, таҳаввуле, ки аз дохили як ҳизби хурд неруи бузурги тарканда дошт, «ғизо» мегирифт. Он оҳанг чун садои шамол, дар долонҳои пинҳони андешаю эътиқод, дар гуфтугӯҳои шабона, дар муҳити донишгоҳҳо ва маҳфилҳои равшанфикрон мечархид. Он мисли шарораи ноаён, ҳанӯз пеш аз он ки ба аланга бирасад, фазои сиёсиро гарм мекард.

Ин таҳаввулро дар суханронии расмӣ ва сармақолаи рӯзномаҳои давлатӣ дидан мумкин набуд. Он дар чашмони афсари ҷавоне, ки дар орзуи адолати иҷтимоӣ хизмат мекард, дар қалами нависандаи чапгарое, ки ҳақиқатро аз зери сензур мехост берун кашад, дар нафасҳои оҳанин ва пурдуди шабонае буд, ки дар он фидоиёни ормонсоз аз инқилоб ҳамчун наҷоти охирин ёд мекарданд.

Ҳамин оҳанги таҳаввул буд, ки ниҳоят ба таркише бо номи Инқилоби Савр анҷомид, инқилобе, ки на танҳо ҳокимиятро иваз кард, балки такон ба рӯҳи як миллат дод.

Ин ҳизб Ҳизби халқии демократии Афғонистон (ҲХДА) буд, ки соли 1965 дар заминаи таҳаввулоти идеологӣ ва болоравии ҷараёнҳои чапгаро дар шаҳри Кобул таъсис ёфт. Ташаккули он бо ташаббуси як гурӯҳи интеллигенсияи сиёсишудаи прогрессивӣ сурат гирифт, ки дар миёни онҳо шахсиятҳое чун Нурмуҳаммад Таракӣ̣ нақши муассир доштанд. Таракӣ̣ дар он замон бештар ҳамчун идеолог ва таблиғгари маорифпарварии сотсиалистӣ, нависандаи реалист бо ормонҳои баробарии иҷтимоӣ ва яке аз тарафдорони адолати синфӣ шинохта мешуд.

Аммо пушти фаъолияти адабӣ ва публисистии ӯ як таҷрибаи сиёсии сарнавиштсоз истода буд, ки диди равшан ба масири мубориза синфӣ, ақидаи устувор дар мавриди нақши авангарди ҳизб дар мубориза бо сохти феодаливу сармоядорӣ ва ихлоси шадид ба арзишҳои интернатсионализми пролетарӣ дошт ва аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолона ҳимоят ва роҳнамоӣ мешуд. Таракӣ̣, ҳамчун яке аз муассисони идеологӣ ва раҳбари ҳизб, нақшаи табдили Афғонистон ба як давлати сотсиалистии халқӣ-демократиро дар назар дошт, ки тавассути инқилоби сиёсӣ ва марҳалаи гузариш ба диктатураи пролетариат амалӣ шавад.

ҲХДА дар ибтидо як ҳизби хурди шаҳриву рӯшанфикрӣ буд, вале бо гузашти солҳо ва шароити печидаи сиёсӣ-иқтисодӣ, фазои шиддатёфтаи ҷаҳони дукутба ва фишорҳои иҷтимоии дохилӣ, ба вазири сиёсати геостратегии Шӯравӣ дар минтақа табдил ёфт. Сохтори ҳизб ба зудӣ ба ду шоха - «Халқ» ва «Парчам» тақсим шуд, ки ҳар ду барои назорат бар механизми давлатдорӣ ва раҳбарии идеологӣ рақобати шадид доштанд.

Дар чунин фазои печида ва пур аз ҷангу мубориза ҳои дохилиҳизбӣ, Нурмуҳаммад Таракӣ̣ тавонист ҳамчун котиби генералии кумитаи марказӣ ва сипас сарвари ҷумҳурӣ сари қудрат ояд ва модели «инқилоби савр», яъне шеваи афғонишудаи модели шӯравии табаддулоти ҳизбии сиёсиро ба амал барорад.

## ОТАШИ НОАЁН: РАҚОБАТИ ТАРАКӢ ВА КАРМАЛ

Фаъолияти ҲХДА зуд ба ду шоха тақсим шуд: «Халқ» бо роҳбарии Таракӣ̣ ва «Парчам» бо раҳбарии Бабрак Кармал. Сипас, онҳо ба рақобати пинҳон ва баъдан ошкоро гузаштанд. Ҳарчанд ҳадафи ягонаи ҳар ду ҷониб дар шоҳмотбозии сиёсӣ афзоиши нуфуз ва ба даст овардани қудрат буд.

Пас аз қатли Мир Акбар Хайбар, як шахсияти калидии парчамиҳо, дар моҳи апрели соли 1978, хиёбонҳои Кобул ба ларза даромаданд. Маросими ҷанозаи ӯ ба гирдиҳамоии оммавии эътирозӣ табдил ёфт, ки он бо шиддат ва таҳрикоти сиёсӣ ба дастгоҳи ҳокимият хушдор медод.

## ФОҶИАИ ҚАСР: СУБҲИ ОХИРИ МУҲАММАД ДОВУД

Субҳи 27-уми апрели соли 1978, Кобул шоҳиди боз як фоҷиаи нав гашт. Шаҳр ҳанӯз дар хоб буд, аммо ҳавои боғубор печидаи сиёсӣ ҳикоят аз хатаре мекард, ки аз паси пуштаҳо ва деворҳои бетонии артиш мехест. Дар қасри "Арк" - маркази қудрати Ҷумҳурии Афғонистон Муҳаммад Довуд, марде, ки соли 1973 бо як табаддулоти бехунрезӣ подшоҳиро барҳам зада, нахустин президенти ҷумҳуриҳоҳи Афғонистон шуда буд, андеша сари фардо меронд. Шояд огаҳ набуд, ки вақти ӯ расидааст. Ё шояд, намедонист, ки...

Ҳангоме ки танкҳо ва ҷанговарони мусаллаҳи неруҳои ҳавоӣ ва заминӣ таҳти фармони афсарони Ҳизби халқӣ, аз ҷумла генерал Абдул Қодир ва афроди наздики Таракӣ̣ ва Амин ба қаср наздик мешуданд, мухобирот хомӯш гашт. Ҳампаймонҳо хиёнат карда буданд. Ҳеҷ телефоне посух намедод.

Довуд дар қаср танҳо набуд. Писар, бародарони ба ваҳшат афтодааш ва занони хонадон, ки аз дунё хабар надоштанд, низ ҳамроҳаш буданд. Аммо дигар роҳе намонда буд. Ҳангоми муҳосира, ӯ талош кард, то ба фарзандонаш рӯҳ бахшад, мисли сарбозе, ки охирин фармонро медод, бо ифтихор гуфт: «Агар бояд бимирем, бо шараф мемирем. Мо сари таслим фуруд намеорем».

Аммо таърих тӯпу танкбадастонро беш аз шараф мешиносад.

Ба гуфтаи шоҳидони зиндон, вақте афроди Ҳизби халқӣ вориди қаср шуданд, муқобилият сар зад. Аввал писари Довуд ҳангоми муқовимат кушта шуд. Ва пас аз лаҳзае Муҳаммад Довуд худ ҳадафи тир қарор гирифт. Вақте неруҳо ба ҳуҷраи истиқомати ӯ расиданд, ӯ дар кӯраи оташи муқовимат меҷӯшид. Шахсан ба сари сарбозе нидо кард: «Ман Муҳаммад Довудам! Ба пуштам тир наандозед!».

Аммо фармон дода шуда буд. Тирҳо пай дар пай бар тани ӯ фурӯ рафтанд. Сари бемӯяш, ки бо бурҳони хиради сиёсии худ фахр мекард, хунин шуд. Мағзи сари марде, ки солҳои тӯлонӣ давлатро идора карда, бо Шоҳ ва Шӯравӣ бозии дугона мебурд, бар фарши қасраш парешон гардид.

Баъдтар маълум гашт, ки 13 узви хонадони Довуд, аз ҷумла занон ва кӯдакон бо фармон ва тасдиқи бевоситаи раҳбарияти Ҳизби халқӣ ба қатл расонида шуданд. Ҷасадҳо бе муаррифӣ ва маросим дар гӯристони дастҷамъӣ дафн гардиданд.

Солиёни баъд, дар як гӯшаи нимфаромӯшии таърих, шахсе аз он неруҳои ҳамлагар эътироф кард: «Ба мо гуфтанд, ки зинда дастгир кунед. Аммо вақте расидем, оташ кушоданд. Мо ҳам посух додем. Баъд фаҳмидем, ки аллакай фармони «нобуд кунед» дода шудааст».

Довуд, ки бо орзуи як Афғонистони дунявӣ ва қавмгаро ҷумҳуриро бунёд карда буд, ҳоло бо дасти ҳамон неруҳое барҳам дода шуд, ки лофи «наҷоти халқ» ва «инқилоб» мезаданд. Қудрат чун палидтарин найранг бар сари ӯ нишаст.

Аз он шаб, Кобул дигар ҳеҷ гоҳ осуда нашуд.

## СУҲБАТИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА БО ГЕНЕРАЛ АБДУЛ ҚОДИР

Он шом дар утоқи тоза ва ороми бемористони "400 бистари Кобул" генерал Абдул Қодир сари миз бо Муродуллоҳ Шерализода нишаста буд. Муродуллоҳ, ҳамеша ором, бо нигоҳи амиқ ба суҳбати генерали пашттузабон гӯш медод.

Қодир баъди сукут ҷойи нимгармро канор гузошт.

- Муродуллоҳ соҳиб,- бо овози ором ба сухан даромад генерал,- ҳамаи раҳбарони НДПА бoздошт шуда буданд. Мисли моҳӣ дар тӯр. Аммо инқилобро наметавон бо зиндон шикаст дод. Ман худам шахсан пилотҳои авиабазаи Баграмро ба тарафи халқ овардам. Дар он парвози ҳалкунанда ба сӯи Кобул худам пушти ҷанбараки тайёраи ҳарбӣ нишаста будам.

Ӯ таваққуфе кард, дида ба тиреза дӯхт, ки шамоли тунди Кобул пардаи онро бозӣ медоронд.

- Қасри Довудро аввалин бор мо бомбаборон кардем. Бо танку тайёра. Он як манзараи даҳшат буд: хун, оташ, фарёд. Вале барои мо ин оғози «адолат» буд...

Муродуллоҳ, ки тарҷумони сертаҷриба дар ҳайати шӯравӣ буд, бо он нигоҳи хосаш, ки ҳамеша бештар медиду камтар мепурсид, бо эҳтиёт гуфт:

- Вале, охир, ҳамон шабу рӯзҳо қудрат ба дасти ҳизб супурда шуд, на ба шумо?

Генерал сар ҷунбонд.

- Аз 27 то 29-уми апрел ман роҳбари воқеии Шурои инқилобии қувваҳои мусаллаҳ будам. Аз номи ин Шуро, худам аз радио эълон кардам, ки ҳукумати Довуд сарнагун шуд. Баъд, вақте вазъият оромтар шуд, қудратро ба ҳайати сиёсӣ, яъне ба НДПА супоридем. Худам ҳам ба Шуро шомил шудам. Вале...

Генерал гапашро хӯрд, лаҳзае хомӯш монд. Он гаперо, ки нахост гӯяд, Муродуллоҳ аз чашмонаш хонд, ки «инқилоб» на ба дасти халқ, балки ба гирдоби қудрат ва низоъ афтод.

Генерал Қодир ба Муродуллоҳ бо лабханд талх нигарист:

- Он шаб мо пирӯз шудем... вале ман намедонам болои кӣ.

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**

## САНОАТ





# СОДИРОТИ ПАХТА ҚАТЪ ВА ИСТЕҲСОЛОТ ЗИЁД МЕШАВАД

**Тоҷикистон, ки дар соҳаи пахтакорӣ имкониятҳои фаровон дорад, ҳоло талош дорад содироти нахи хомро қатъ намояд ва ба истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазир гузарад.**

Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар Форуми байналмилалии нассоҷии Душанбе изҳор дошт: “Вазифаи мо на танҳо нигоҳ доштани анъанаҳои муқарраршуда, балки ба таври назаррас таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолӣ барои таъмини гузариш аз содироти ашёи хом ба истеҳсоли маҳсулоти босифати нассоҷии рақобатпазир мебошад”.

Дар асоси Стратегияи рушди саноати нассоҷӣ, ки ду сол пеш қабул гардидааст, интизор меравад, ки дар Тоҷикистон беш аз 600 ҳазор ҷойи кор таъсис дода шавад. Ҳамчунин, тибқи ин стратегия коркарди пурраи пахтаи маҳаллӣ таъмин гардад.

“Имрӯз соҳаи нассоҷӣ ба маркази инноватсия табдил ёфтааст. Мо таваҷҷуҳи афзояндаи истеҳсолкунандагони таҷҳизот, сармоягузорон ва шарикони рушдро мушоҳида менамоем. Яке аз вазифаҳои таъхирнопазир - ин коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ мебошад. Тибқи маълумот, алҳол тақрибан 30% пахтаи парваришшуда дар дохили кишвар коркард шуда, боқимонда ҳамчун ашёи хом ба хориҷа содир карда мешавад»,- гуфт Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон.

Ӯ афзуд, ки соли гузашта содироти маҳсулоти нассоҷӣ ва нахи пахта ҳудуди 300 миллион долларро ташкил дод. Аммо бо ҷалби сармоя ва эҷоди занҷираҳои пӯшидаи истеҳсол ин рақам ба 3 миллиард доллар афзоиш дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки Форуми байналмилалии нассоҷӣ ва намоишгоҳи таҷҳизот, маҳсулоти нассоҷӣ бо ибтикори Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон баргузор шуд. Ҳадаф аз ин форум ва намоишгоҳ, ки бори аввал баргузор шуд, ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди соҳаи нассоҷии мамлакат мебошад.

## САРМОЯ

# $5,1 МЛРД САРМОЯИ ЧИН БА ТОҶИКИСТОН

**Чин аз соли 2007 то 6 моҳи соли 2025 ба иқтисоди Тоҷикистон 5,1 млрд доллар сармоягузорӣ кардааст.**

Ба гуфтаи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода, ҳудуди 2,9 млрд доллар (57,4%) аз ин маблағгузориро сармоягузориҳои мустақим ва 2,2 млрд долларашро (42,6%) дигар сармоягузориҳо ташкил медиҳад.

Султон Раҳимзода ин маълумотро ҳангоми аз ҷониби палатаи поёнии парлумон тасдиқ шудани Созишнома дар бораи ҳавасмандсозии мутақобила ва ҳифзи сармоягузориҳо миёни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Чин изҳор доштааст.

Ӯ зикр кардааст, ки сармоягузориҳои Чин асосан ба саноати истихроҷ ва коркард, иктишофи геологӣ, саноати сабук, алоқа, сохтмон, насби таҷҳизот ва дигар соҳаҳо равона шудаанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ зиёда аз 700 ширкат бо сармояи Чин фаъолият мекунанд.



## ЭНЕРГЕТИКА

# ДАР ДУШАНБЕ ЗЕРИСТГОҲИ НАВИ БАРҚӢ БУНЁД МЕШАВАД

**Дар шаҳри Душанбе зеристгоҳи нави барқии 220 кВ бунёд мегардад. Ин масъала дар мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо роҳбари намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон Имай Сэйдзю баррасӣ гардид.**



Татбиқи лоиҳаи мазкур барои тақвияти устувории шабакаи энергетикӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии таъминоти барқ дар пойтахти Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, дар воҳӯрии ҷонибҳо тақвияти ҳамкории Тоҷикистон бо Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика ва захираҳои об муҳокима шуданд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# 5 ТАВСИЯ БА ЗАНҲО

**Аксарият гумон доранд, ки барои занҳо донистани масъалаҳои молиявӣ чандон муҳим нест. Ба дасти онҳо набояд пул бошад ва танҳо фарзанд ба дунё оранду хонашин бошанд. Аммо, дар асл чунин нест. Баръакс, зане, ки аз фаҳмишҳои молиявӣ бархӯрдор аст, дар куҷо мақсаднок сарф кардани пулро медонад, зиндагиро обод месозад. Инро мустақилияти молиявӣ меноманд.**



Мустақилияти молиявӣ ба занҳо имкон медиҳад, ки дар зиндагӣ интихоби озодона дошта бошанд, ба худ боварии бештар пайдо кунанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ қарори мустақилона қабул намоянд.

**Якум,** барои ноил шудан ба мустақилияти молиявӣ занҳо бояд дониш андӯзанд, нақша тарҳрезӣ кунанд ва бо иродаи қавӣ амал намоянд. Яъне, дар роҳи мустақилияти молиявӣ омӯзиши принсипҳои асосии идоракунии маблағ зарур аст. Занҳо бояд фаҳманд, ки нақшаи хароҷот тартиб додан, пасандоз, сармоягузорӣ ва қарз чист ва чӣ гуна инҳо дар ҳаёти ҳамарӯза татбиқ мешаванд. Имрӯзҳо имкониятҳои васеъ барои таҳсил, маслиҳат дар самти молия мавҷуданд. Аз ҷумла, дарсҳои онлайн дар интернет, китобҳои мотиватсионӣ, ки дар ҳама ҷо дастрасанд.

**Дуюм**, яке аз воситаҳои муҳими назорату мустақилияти молиявӣ таҳияи буҷети шахсӣ мебошад. Занон бояд ҳар моҳ даромаду хароҷоти худро нависанд ва таҳлил намоянд. Ин имкон медиҳад, ки аз хароҷоти нолозим худдорӣ карда, маблағҳоро ба самтҳои мақсаднок равона созанд: ниёзҳои рӯзмарра, пасандоз ва сармоягузорӣ.

**Сеюм,** доштани фонди эҳтиётӣ як қисми муҳими бехатарии молиявии ҳар шахс ба ҳисоб меравад. Зиндагӣ бе камбудӣ нест, занҳо ҳадди ақал барои 3 то 6 моҳи хароҷоти рӯзмарра бояд маблағ захира кунанд. Ин маблағ метавонад дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ ё дигар ҳолатҳои фавқулода кумак расонад.

**Чорум,** яке аз роҳҳои муҳими зиёд кардани дороӣ сармоягузорӣ аст. Яъне, маблағро ба ҷойи муайян истифода кардану аз он фоидаи иловагӣ гирифтан ба устувории молиявӣ оварда мерасонад. Масалан, занҳо метавонанд сармояи худро ба хариди амволи ғайриманқул ё ҳатто ба тиҷорати шахсӣ равона созанд. Дар ин роҳ онҳо бояд таҷрибаи онҳоеро, ки барояшон наздиканд, омӯзанд ё маслиҳат гиранд.

**Панҷум**, мустақилона даромади пулӣ доштан як қадами пешрафт барои занҳо мебошад. Онҳо ҳангоми зарурат ба маблағ дастнигари шавҳар ё каси дигар намешаванд. Дар баробари тарбияи фарзанд, ақаллан як шуғли иловагӣ ҳам дошта бошанд. Масалан, онҳо метавонанд донишу фаҳмиши худро такмил дода, дар соҳаҳои нав ба кор шурӯъ кунанд. Ин метавонад аз фриланс бошад, яъне дар хона истода хариду фурӯшро анҷом диҳанд. Зани оқилу ҳунарманд ҳеҷ гоҳ дастнигари марди хонадон намешавад, ҳамеша аз пайи даромад аст. Бигзор пули кам ҳам бошад, аммо “қатра-қатра дарё шавад” гуфтаанд.

# БОЗГАШТ БА

## Мусоҳиба бо Толибхон Шаҳидӣ

**УСТОД ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ ХЕЛЕ КАМ ҲАРФ МЕЗАНАД, БЕШТАР ҒАРҚИ ОЛАМИ АНДЕШАҲОСТ. СУОЛ МЕДИҲАМ… ЯК-ДУ ҶУМЛА ВА МУШАХХАС ПОСУХ МЕГӮЯД. ҲОЛ ОН КИ ҲАРФ БАРОИ ГУФТАН ХЕЛЕ ЗИЁД АСТ: ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН, ДОРАНДАИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ РӮДАКӢ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ ЯКЕ АЗ ОҲАНГСОЗОНИ БАРҶАСТАИ МУОСИР ВА ЭЪТИРОФШУДА ДАР ҶАҲОН АСТ, КИ АСАРҲОЯШРО ДАР БУЗУРГТАРИН САҲНАҲОИ ОЛАМ МАЪРУФТАРИН ДАСТАҲОИ ҲУНАРӢ ИҶРО МЕКУНАНД, Ӯ НАФАРЕСТ, КИ МУСИҚИИ МИЛЛИИ ТОҶИКРО БО ОРКЕСТРИ АКАДЕМӢ ҲАМНАВО КАРД ВА САДОИ МИЛЛАТИ МОРО ТО САҲНАҲОИ БУЗУРГИ ОЛАМ ТАНИНАНДОЗ НАМУД… ҲАЙРОН МЕШАВАМ, КИ ЧӢ ТАВР МЕТАВОН БО ИН ҲАМА БУЗУРГӢ, ЧУНИН ХОКСОРУ ФУРӮТАН БУД?!**



### ДУНЁИ ХОТИРОТ

Ҳафтаи гузашта устод Толибхон Шаҳидӣ бо ҳамсарашон нависанда Гулсифат Шаҳидӣ меҳмони идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" буданд.

Ният доштам, ки сухбатамро бо эшон аз балети тозаэҷодашон "Пирях", ки чанд рӯз пеш нахустнамоиши он дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шуд, оғоз кунам. Вале эшон дар сухбати кутоҳе, ки бо аҳли эҷоди ҳафтанома доштанд, сухбатро аз хотира оғоз карданд...

- Мо се моҳ қабл ба Душанбе омада будем. Чун фарзандонамон дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, мо ҳам бештар назди онҳо ҳастем. Дар байни Дубай, Лондон ва Маскав зиндагии мо чараён дорад. Аммо вақте Душанбе меоям, худро дигар хел эҳсос мекунам. Ба хотираҳоям бармегардам. Дар рояли худам, ки бароям аз даврони ҷавонӣ ошно аст, нишаста мусиқӣ менависам. Ба хонаи падар, ки ҳоло Осорхонаи Зиёдулло Шаҳидӣ аст, меравам ва соатҳо он ҷо мешинам ва хотиротамро варақгардон мекунам.

*Аз хотироти Толибхон Шаҳидӣ:*

*Ман 13-уми марти соли 1946 дар Душанбе, дар биное, ки дар он шоиру нависандагон зиндагӣ мекарданд, таваллуд шудаам. Он замон хонаҳо нигаҳбон надоштанд ва дарҳо низ мисли имрӯз қуфлҳои мустаҳкам зада нашуда буданд. Бинобар ин, рӯзе маро як дузд ба гилем печонида бурданӣ мешавад. Хушбахтона, шоир Мирсаид Миршакар дуздро дошта, маро аз дасти ӯ наҷот медиҳад...*

### ҲАВЛИИ ПАДАР

**- Кадом лаҳзаҳо бештар ба хотиратон меоянд?**

- Ҳавлии падар. Нишастҳои хосса, сухбатҳои хосса ва тамринҳои хоссаашон бо ҳунармандон. Аҳмад Бобокулов, Ҳанифа Мавлонова, Рена Ғолибова, Шоиста Муллоҷонова, Барно Исҳоқова, Тухфа Фозилова ва дигар дӯстони падарам ба хонаи мо меомаданд ва он ҷо суруду романсҳои дирӯзнавиштаи падарамро тамрин мекарданд. Барои мисол тавлиди суруди "Хонаи мо он қадар ҳам дур нест"-ро ман ба ёд дорам. Падарам ҳамроҳи Мирзо Турсунзода як рӯз ба Кӯли Комсомол меравад ва ба гаштугузори духтараконе чавон ба илҳом омада, устод Турсунзода ҳамон лаҳза ин шеърро эҷод мекунанд, падарам бошад, оҳанги онро менависанд... Ин суруд писанди ҳамагон шуд, то ҳол онро замзама мекунанд. Ҳамин тавр, оҳангсозону солистони Театри опера ва балет, филармония, хонаи радио ва Ансамбли рубобчиҳо бисёр ба хонаи мо меомаданд. Дар чунин муҳит ман ба воя расидам.

Солҳои 50-ум падарам оҳангсоз Юрий Григоревич Тер-Осиповро аз Боку ба Душанбе даъват карданд. Эшон дар хонаи мо зиндагӣ мекарданд. Ва пас аз падарам устоди ман дар соҳаи мусиқӣ махсуб мeёбанд.

Дар Театри опера ва балет якумин бор операи падарамро шунидам. Нахустнамоиши "Комде ва Мадан"-ро чун дирӯз ба ёд дорам. Баъдан ҳамроҳи падар мо "Симфонияи Мақомҳо"-ро навиштем, ки ин ҳам яке аз саҳифаҳои равшани рӯзгори банда аст.

Солҳои баъдӣ ман бештар бо жанри балет машғул шудам. Бо Малика Собирова филм-балети "Рубоиёти Умари Хаём"-ро сабт кардем. Баъди се сол эшон аз олам даргузаштанд, вале ин балет дар ёди ман тамоми умр мондааст.

Ҳамин гуна хотираҳо дар зеҳнам пайдо мешавад. Ва дар мавриди сарнавишти худам меандешам. Таҳсилам дар Консерватория, аввалин консертам дар саҳнаи ин даргоҳ. Баъдан, эҷоди асарҳои дигарам ва намоиши онҳо дар саҳнаи Театри опера ва балет ва саҳнаҳои дигари олам. Хушбахтона, сабти аксари онҳо мавҷуданд ва дар "Ютуб" дастрас мебошанд. Гоҳе худам онҳоро гӯш мекунам. Вале телевизионҳои мо асарҳои маро кам намоиш медиҳанд. Вақтҳои охир балету операҳоямро дар телевизиони тоҷик намебинам...



*Толибхон ва модараш Марҳабохон Шаҳидӣ*

*Аз хотироти Толибхон Шаҳидӣ:*

*Вақте соли 1965 ба курси тайёрии Консерваторияи Москва дохил шудам, модарам Марҳабохон ба кор даромада ва ҳар моҳ барои ман "стипендия" мефиристод. Ман дар хобгоҳ зиндагӣ мекардам ва модарам аз Душанбе бароям таомҳои миллӣ, аз қабили ошу манту мефиристод... Вақте ягон нафар аз пайвандон ё дӯстон ба Москва парвоз мекард, модарам зуд таомро омода карда ба дасташ медод. Вақте хӯрок ба Москва мерасид, ҳанӯз гарм буд...*

**- Шумо дар бораи хотира гуфтед. Аз суҳбати шумо дарк кардам, ки вақте инсон аз Ватан дур меравад, бештар ба қадри он мерасад...**

- Бале, Ватан ҷойи бузургтарин барои эҷодкор аст, манбаи илҳому эҷод...

### АЗ "АГАР..." ТО "ПИРЯХ"

**- Чанд рӯз пеш дар Театри опера ва балети ба номи устод Садриддин Айнӣ нахустнамоиши балети "Пирях" (Таюшая красота)-и шумо баргузор шуд. Шумо, ки бештар дар мавзуҳои таърихӣ, миллӣ ва фалсафӣ менависед, чӣ шуд, ки ба чунин мавзуъ рӯй овардед?**

- Бале, мавзуи балети "Пирях" ба масъалаи ҷаҳонӣ - ҳифзи табиат бахшида шудааст. Мусиқии онро ман навиштам. Либретто ба қалами Низом Қосим тааллуқ дорад. Онро балетмейстере, ки аз Перм омадааст - Сергей Райник ба саҳна гузошт. Ман дар мавзуҳои иҷтимоӣ қаблан ҳам эҷод кардаам. Яке аз асарҳои ман "Агар..." ном дорад, ки дар асоси ашъори Лоиқ Шералӣ навишта шудааст.

# ХОТИРАҲО



*Зиёдулло Шаҳидӣ, Толибхон Шаҳидӣ ва Максим Шостакович*

Ин асар, ки 23 дақиқа идома мекунад, дар "Ютуб" дастрас аст. Ман ин асарро тахти таъсири ашъори Лоиқ Шералӣ навиштам ва дар он чо як навигарӣ ворид намудам. Сози тоҷикии тамбӯрро ба оркестри симфонӣ ҳамроҳ кардам. Тамбӯрро Абдувалӣ Абдурашидов навохт. Ин асарро ҳам мо ба мисли як филм сабт кардем. Дигар навгонӣ дар сабти ин асар чойники Чорбоғи Варзоб аст. Ман онро аз бачагӣ ба ёд дорам. Бинобар ин, вакти сабт чойникро ҳам дар он чой кардем. Хулоса, "Агар..."-ро агар гӯш кунед, мебинед, ки мавзуи табиат ва масъалаҳои иҷтимоӣ барои банда нав нест...

**- Солҳои охир бештар дар хориҷи кишвар кор мекунед ва дар Театри опера ва балет асарҳои шумо камтар садо медоданд. Ҳамкории шумо барои ба саҳна гузоштани "Пирях" чӣ тавр ба роҳ монда шуд?**

- Ман вақте ба Душанбе омадам, баъзе асарҳоямро барои шинософ ба театр пешниҳод кардам. Лекин афсӯс, оркестре, ки ба ман лозим аст, дар ин чо нест. Оркестри ин чо хурд аст, навозандаҳо хеле кам аст. Тақрибан 40 нафар навозанда ҷамъ кардан мумкин асту халос. Вале бо вучуди ин, ба шароит мувофиқ карда балетро навиштам. Сергей Райник онро худаш чо ба чо карда, ба саҳна гузошт. Ба назарам асари хуб баромад. Бояд онро тамошо кунед.

**- Ман дар нахустнамоиш будам. Бароям хеле писанд омад. Махсусан, шумо мусиқии халқиро хеле зебо дар он ҷой кардаед.**

- Бале...

**- Устод, шумо ҳамеша кӯшиш мекунед, ки дар оркестри симфонӣ оҳангҳои халқиро ҳамроҳ кунед. Ин сабкро аз кай оғоз кардед?**

- Аз оғоз, вақте ки падарам дар хона тамрин мекарданд, ман ба мусиқии халқӣ бештар таваҷҷуҳ мекардам. Масалан Акашариф Ҷӯраев, ки дар наздики хонаи мо зиндагӣ мекарданд, омада бо падарам тамрин мекарданд. Баъдан солистони театр ё хонаи радио омада мусиқии академӣ машқ мекарданд. Яъне дар зеҳни ман садоҳо синтез мешуданд. Вақте дар консерватория таҳсил мекардам, асарҳои композиторони бузурги дунёро дар Театри бузурги Маскав ва Толори консерватория гӯш мекардам.

*Аз хотироти Толибхон Шаҳидӣ:*

*Устоди ман Арам Хачатурян давоми зиндагӣ дар масъалаҳои гуногун ба мо кумак мекарданд. Эшон дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ нуфузу обрӯ доштанд. Вақте банда мушкили манзили зист доштам, Арам Илич ба Котиби якуми Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов нома навиштанд ва дере нагузашта ба ман хона доданд. "Ту медонӣ, ки чаро ба ту зуд хона доданд?,- пурсиданд Арам Илич аз ман ва посух доданд:- Барои он ки ман номаро чунин оғоз кардам: "Ҷаббори азиз, аз ту хоҳиш мекунам..." ва ӯро бо шашумин Ордени Ленин, ки ба наздикӣ гирифта буд, табрик гуфтам. Агар ман расмӣ "Муҳтарам Ҷаббор Расулович" менавиштам, ту ба ин зудӣ хона намегирифтӣ...*

### МАКТАБИ КОНСЕРВАТОРИЯ

**- Дар мавриди толори консерваторияи Маскав ёдоварӣ кардед. Дар "Ютуб" чандин консертҳои шумо дар ин саҳна пешкаши тамошобин шудааст. Аввалин бор кай дар ин ҷо мусиқии шумо садо дод?**

- Вақте кори дипломӣ месупоридем. Мо чанд нафар хатмкунанда будем. Ман - шогирди Арам Хачатурян, боз шогирдони профессорони дигар. Арам Илич ҳамон ҷо буданд, як ду сухан дар бораи ман ҳам гуфтанд ва мусиқии банда садо дод. Мо дар консерваторияи Маскав воқеан аз мактаби хуб гузаштем. Баъдан, дар ин толор консертҳои зиёди ман гузашт.

Умуман, дар Москва асарҳои бандаро зиёд иҷро мекунанд. Рапсодияи маро Оркестри кинематографияи Маскав соли 2013 дар саҳнаи Кремл иҷро кард ва ҳунарманди маъруфи арманӣ Чеван Гаспарян, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад, сози дудукро навохт. Ин асар низ дар "Ютуб" дастрас аст.

### АЗ ВАТАН НАРАФТАЕМ

**- Шумо солҳои душвори 90-ум, ки бисёре аз эҷодкорон ватанро тарк карданд, дар Душанбе будед ва баъди солҳои 2000-ум рафтед.**

- Бале. Ҳамон вақт ман як асар барои оркестр ва солистони сапранову тенор навиштам, ки "Гармония мира" ном дорад. Як факти ҷолиброро ба шумо мегӯям. Ҳамон солҳо, ки ҷанг дар кишвар идома дошт, дар Театри опера ва балет "Реквием"-и Мотсарт садо медод ва дириҷёре, ки аз Австрия даъват шуда буд, онро ба саҳна гузошт. Ман он солҳо ҳам консерт мегузоштам, ҳам дриҷёрӣ мекардам, яъне кор дар театр чараён дошт.

**- Ҳамон солҳо ба театр тамошобин меомад?**

- Бале. Меҳмонон ҳам буданд. Лекин ҷанг кори худашро карда буд.

**- Аз Тоҷикистон кадом сол рафтед?**

- Мо нарафтаем. Баъди солҳои 2000-ум вақте фарзандонамон дар хориҷи кишвар оила барпо карданд, бештар дар назди фарзандону наберахо хастем. Вале ҳамасола ба Ватан меоем.




*Толибхон ва Гулсифат Шаҳидӣ*

*Аз хотироти Толибхон Шаҳидӣ:*

*Соли 1974 дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" акси духтари зебоеро дидам: гирандаи стипендияи ленинии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Гулсифат... Ба худ гуфтам, ки ин ҳамонест, ки дар суроғаш будам. Дере нагузашта мо хонадор шудем ва пас аз базми арӯсӣ ба Москва рафтем. Устодам ба Гулсифат гуфтанд: "Ту масъулияти бузургеро ба дӯш гирифтӣ, бо бастакор хонадор шудан - ин як умр худро ба ҳалқа бастан аст"... Ва давоми умр Гулсифат ҳамеша мададгори ман аст. Сафарҳои тӯлонии маро таҳаммул мекунад ва масъулияти қабулу гусели меҳмонон, сар карда аз дӯстону ҳамкорон то шахсиятҳои бузурге чун Малика Собирова, Маҳмуд Эсамбоев, Фарух Рузиматов, Лоиқ Шералӣ, Владимир ва Александр Чайковский... ва дигарон ба дӯши ӯст... Вале беҳтарин эҷодиёти ману ҳамсарам се писарамон - Табрез, Ҳофиз ва Фирдавс ҳастанд...*



*Аз хотироти Толибхон Шаҳидӣ:*

*Дар яке аз рӯзҳои баҳори соли 1971 Арам Илич Хачатурян аксашонро бо чунин соядаст бароям ҳадя карданд: "Толиб, вақтро аз даст надиҳед!". Банда ҳам як умр талош дорам, ки фурсатро аз даст надиҳам...*

### УМЕД БА ОЯНДА

**- Чанд рӯз қабл дар Душанбе Оркестри кӯдакон таъсис ёфт ва барномаи нахустини он пешкаши тамошобин шуд. Оё дар он консерт будед?**

- Не, маро даъват накарданд. Вале Иттифоқи композиторон қаблан бо ин бачаҳо барнома ташкил карда буданд. Ман онҳоро дида будам. Бачаҳо ки дар саҳна ҳастанд, ин аллакай кори хеле хуб аст. Оркестри бачагона, умедворам, ки дар оянда барномаҳои хуб пешниҳод мекунад ва аз ҳама муҳим, дар оянда заминаи оркестри симфонӣ мешаванд. Ман бо ҷавонон зиёд кор мекунам, ҳам дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, ҳам дар мактаби мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ. Ҷавононро бояд тарбия кард.

**- Ҳоло машғули чӣ кор ҳастед?**

- Пас аз ба саҳна гузошта шудани балет барои як консерт омодагӣ мебинам. Ният дорам, ки дар консерватория бо ҷавонон онро ба саҳна гузорам. Барои ин барнома як асари нав менависам. Ин консертро дар оғози моҳи сентябр пешкаш мекунем. Ман ҳар сол кӯшиш мекунам, ки бо ҷавонон кор карда, барномаи консертӣ таҳия кунам. Хеле хуб пазирой мешавад...

**Одил НОЗИР**



# IRS БАРОИ НИГОҲДОРИИ РОҲИ ДУШАНБЕ - ЧАНОҚ ЧӢ ҚАДАР АСФАЛТ ХАРҶ КАРДААСТ?

**Таъмиру таҷдид аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, муносибат ба он хосса аст. Масъулиятшиносии кормандони филиали Ширкат дар робита ба ин масъала хеле баланд буда, баробари ба вуҷуд омадани вайроншавии кӯчактарин дар роҳи Душанбе - Чаноқ бетаъхир чораандешӣ мешавад.**

Чанде пеш таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ шуруъ шуда, дар ин самт кормандони IRS азми қавӣ ва омодагии ҷиддӣ доранд. Дар мавсими имсола доираи фаъолият хеле васеъ гардида, тасмим гирифта шудааст, ки садҳо километр таъмири ҷорӣ ва даҳҳо километр роҳ таъмири куллӣ шавад. Тибқи нақша дар мавсими имсола дар 3 минтақа - Варзоб, Зарафшон ва Суғд зиёда аз 30 ҳазор тонна асфалт харҷ хоҳад шуд. Дар ин замина, зиёда аз 100 км роҳ таъмири ҷорӣ ва ва 32,65 км таъмири куллӣ мешавад.

Тавре масъулини IRS гуфтанд, дар минтақаи Варзоб зиёда аз 2 ҳазор тонна асфалт харҷ шуда, 3,2 км роҳ таъмири куллӣ хоҳад шуд. Илова бар ин, дар минтақаи мазкур бо сарфи 572,03 тонна асфалт 4807 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ мешавад.

Ҳамчунин, дар минтақаи Зарафшон 14,35 км роҳ таъмири куллӣ ва 6280 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ шуда, бо ин мақсад сарфи қариб 8 ҳазор тонна асфалт дар назар аст. Дар минтақаи Суғд сарфи қариб 18 ҳазор тонна асфалт пешбинӣ гардида, дар ин замина 15,1 км роҳ таъмири куллӣ ва 16000 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ мешавад.

Қобили зикр аст, ки то ин вақт дар минтақаи Суғд 3,2 км роҳ таъмири куллӣ ва даҳҳо километр роҳ таъмири ҷорӣ шуда, барои ин кор зиёда аз 4000 тонна асфалт сарф шудааст. Дар ин минтақа нишондиҳандаи таъмири ҷории роҳ 68%-и нақшаро ташкил медиҳад. Таъмиру таҷдиди роҳ дар минтақаи Зарафшон низ дар сатҳи хубу бо сифати баланд идома дошта, то ин вақт зиёда аз 2000 тонна асфалт сарф шудааст.

Тавре аз Маркази матбуоти IRS иттилоъ доданд, дар минтақаи Варзоб таъмири ҷории роҳ аллакай 95% иҷро шуда, таъмири куллии роҳ аз 15-уми июли соли равон оғоз мешавад.

Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири куллӣ аз лиҳози моҳият ва харочот аз бунёди роҳ кам нест. Сарфи назар ин, роҳбарияти филиали Ширкат дар ин самт собитқадам мебошанд, ки далели бебаҳси масъулиятшиносӣ ва муносибати дуюмдараҷа надоштан ба иҷрои вазифаҳои тибқи шартномаи консессионӣ ба зиммаашон вогузоршуда маҳсуб мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки таъмири таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ соли 2012 оғоз гардида, ҳамон вақт 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна ва соли 2024 ба 18408 тонна асфалт расид.

Муҳимтар аз ҳама, барои таъмири роҳ мутахассисони хирфаӣ ва техникаву механизмҳои замонавӣ ҷалб шуда, 10 корхонаи истеҳсоли масолеҳи барои нигоҳдории роҳ пешбинигардидаи марбут ба филиали Ширкат дар тавсеаи ин раванд саҳми бориз доранд.



# ДАРГУЗАШТИ СОБИҚ ВАЗИРИ ФАРҲАНГ



**7 июл Тамара Абдушукурова, ҳунарманди маъруф, коргардони варзида ва собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон дар синни 85-солагӣ аз олам даргузашт.**

Тамара Абдушукурова 24-уми августи соли 1940 дар ноҳияи Ғарми Тоҷикистон ба дунё омада, баъдан таҳсили олиро дар Донишкадаи санъати театрии ба номи Луначарскийи шаҳри Маскав (ГИТИС) ба анҷом расонидааст. Солҳои тӯлонӣ дар Театри давлатии академии драмаи ба номи А. Лоҳутӣ ба ҳайси ҳунарпеша ва коргардон фаъолият намудааст. Ӯ ҳамчунин дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон дарс гуфта, муддате муовини ректор ва сипас ректори ин донишкада буд.

Аз соли 1990 то 1992 Тамара Абдушукурова вазифаи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар уҳда дошт.

Марҳум дар саҳнаи театр бо иҷрои нақшҳои хотирмон ва тасвири занони қавиирода шинохта мешуд. Аз ҷумла, нақшҳои ӯ чун Смералдино дар "Шоҳ Гавазн", Варя дар "Ҷавоне аз шаҳри мо", Бунафша дар "Деҳотӣ", Нозӣ дар "Дуэл" ва Мавҷуда дар "Ироdai зан" дар хотираи тамошобинон нақш бастаанд.

Ӯ инчунин чун коргардон бо намоишномаҳои "Никоҳи мунтахаб", "Ёрони маҳбуб", "Бечиҳоз", "Зангирӣ" ва дигар асарҳо саҳнаи театрро ғанӣ гардонидааст. Барои саҳм ва хизматҳои арзишмандаш дар рушди фарҳангу санъати миллӣ бо унвони Ҳунарпешаи хидматнишондодаи Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

# МО ТАВОНИ ДИФОЪ АЗ ХУДРО ДОРЕМ!

(Аввалаш дар саҳ. 4)

**Т.К. Оё барномае барои вуруди муҷаддад ба музокирот бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар назар доред? Чӣ ин музокирот бо намояндаи феълии Амрико, оқои Виткоф бошад ё бо фарде дигар. Ва агар чунин барномае вуҷуд надорад, аз дидгоҳи шумо, дар сурати идомаи ин вазъият, чӣ иттифоқе мумкин аст рух диҳад?**

**М.П.:** Мо бо музокира мушкиле надорем. Аммо фаҷойеъе, ки режими саҳюнистӣ дар минтақа ва кишвари мо рақам зада, аз ҷумла терур ва ба шаҳодат расондани фармондеҳони мо дар хонаҳояшон - ки ҷиноятӣ ҷангӣ маҳсуб мешавад - ва шаҳодати донишмандонамон ҳамроҳ бо хонавода ва фарзандонашон, куштори бегуноҳон ва бомбборони занони бордор, вазъиятро буҳронӣ кардааст. Режими саҳюнистӣ барои ин ки як нафарро бикушад, сохтмонҳоро бар сари мардум овор карда. Умедворем, пас аз убур аз ин буҳрон, боз битавон ба мизи музокира бозгашт. Албатта ин ниёзманди як шарт аст: эътимод ба раванди гуфтугӯ. Набояд дар миёнаи гуфтугӯ, муҳаддадан ба режими саҳюнистӣ иҷозаи ҳамла дода шавад ва оташи ҷанг оғоз гардад.

**Т.К.: Оё бар ин бовар ҳастед, ки Исроил талош кардааст ҷонои шуморо олиро терур кунад?**

М.П.: Талош шуд ва иқдом ҳам сурат гирифт, аммо бовари мо ин аст, ки агар Худо бихоҳад, инсон зинда мемонад ва агар нахоҳад, мумкин аст ҳатто дар пиёдаравӣ ҳам ҷон бидиҳад. Мо омодаем, то пойи ҷон аз мардум, истиқлол ва озодии сарзаминамон дифоъ кунем ва аз марг намеҳаросем, аммо дар ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунем, ин ки бо хунрезӣ, қатл, ғорат ва амёли шайтонӣ минтақаро ноамн кунанд, бисёр зишт ва таассуфбор аст.

**Т.К.: Бисёре аз мардуми Амрико ҳамчунон аз Эрон ҳарос доранд ва нигаронанд, ки мумкин аст Эрон бо бомби атомӣ ба Иёлоти Муттаҳида ҳамла кунад. Онҳо видеоҳое мебинанд, ки дар он бархе аз мардуми Эрон шиори "Марг бар Амрико!" сар медиҳанд ва Иёлоти Муттаҳидаро "шайтони бузург" хитоб мекунанд. Ба назари шумо, оё ин нигарониҳо воқеъбинона аст? Ва оё мардуми Амрико бояд аз Эрон битарсанд?**

**М.П.:** Ман фикр намекунам ин тасвир бардошти дурусте аз Эрон бошад. Дар 200 соли гузашта, ҳатто як бор ҳам Эрон ба кишваре ҳамла накардааст. Шиори "Марг бар Амрико!" ҳам ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънои марг бар мардум ё ҳатто масъулони Амрико нест. Ин шиор яъне "Марг бар ҷиноят!", "Марг бар қатл!", "Марг бар ҳимоят аз куштор!" ва "Марг бар сиёсатҳое, ки минтақаро ноамн мекунанд!". То ҳоло эроние дидаед, ки дар Амрико даст ба терур зада бошад? Ман, ки нашунидаам. То ҷойе, ки медонем, ҳеҷ эроние ба дунболи терур ва ноороми набудааст, аммо афроде дигар дар минтақа буданд, ки раисиҷумҳури Амрико эътироф карда худи Амрико онҳоро тарбият карда; ҳамон доъишиҳо, ки боиси ноамнӣ ва ҷиноят дар минтақа ва ҳатто дар Амрико шуданд ва нигоҳи манфӣ дар дунё нисбат ба дин ва боварҳои мо эҷод карданд. Шиори "Марг бар..."-и мо, алайҳи ҷиноят ва ноамнӣ аст, на инсонҳо. Ҳар кунишгаре, ки аз ин масир ҳимоят кунад, мавриди лаъни мардуми мост, на афрод ба унвони инсон.

**Т.К.: Ду тан аз уламои барҷастаи Эрон, фатвоҳоеро алайҳи Доналд Трамп, раисиҷумҳури Иёлоти Муттаҳидаи Амрико содир кардаанд, аз дидгоҳи шумо, ин фатвоҳо чӣ маъно ва мафҳуме доранд?**

**М.П.:** То ҷойе, ки ман иттилоъ дорам, онҳо алайҳи ҳеҷ фарди хоссе фатво содир накардаанд. Фатвое, ки мунташир шуда - ки албатта иртиботе ба давлат ё раҳбарӣ надорад - фақат эълом мекунад, ки таҳқин ба мазҳаб ё шахсиятҳои мазҳабӣ, аз назари эътиқодӣ, маҳкум ва ғайри қобили қабул аст. Ин масъала мушаххасан марбут ба раисиҷумҳури Амрико ё ашхоси дигар нест. Донишмандони динӣ назароти илмии худро баён кардаанд, аммо ин фатво ҳаргиз маънои қатл ё таҳдид надорад.

**Т.К.: Ҷаноби оқои раисиҷумҳур, иҷоза меҳоҳам ба унвони охирин пурсиш, ин суолро матраҳ кунам, ки дар сурати оғози як ҷанги густардатар алайҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон, то чӣ андоза эҳтимол медиҳед, ки муттаҳидони Эрон, аз ҷумла Чин ва Русия, дар ҳавзаҳои иқтисодӣ ё низомӣ аз Эрон ҳимоят кунанд? Ва оё шумо интизори чунин ҳимоятеро доред?**

**М.П.:** Он чӣ барои мо аҳамият дорад, бовар ба Худованд ва эътиқодотамон аст. Мо тавоноии дифоъ аз худро дорем ва агар лозим бошад, то пойи ҷон барои дифоъ аз кишвар ва тамомияти арзиамон истодагӣ хоҳем кард. Мо ба дунболи ҷанг нестем. Борҳо гуфтаем, ки дунболи силоҳи ҳастаӣ нестем. Вале тасаввури ғалат дар зеҳни бархе сиёсатмадорони амрикоӣ шакл гирифтааст; тасаввуре, ки Натанёҳу бо ҷангталабиҳояш ҳамчунон тақвият мекунад. Вуқуъи ҳар гуна ҷанг дар ин минтақа оташ ва ноамниро дар саросари Ховари Миёна шуълавар хоҳад кард. Агар раисиҷумҳури Амрико хоҳони чунин оянда аст, метавонад масирро идома диҳад. Аммо агар хоҳони сулҳ аст - ва ман низ эътиқод дорам бояд ба самти сулҳу субот ҳаракат кунем - набояд иҷоза диҳад режими саҳюнистӣ минтақаро ба оташ бикашад. Раисиҷумҳури Амрико метавонад бо маҳори Натанёҳу, ба ҷангу хунрезӣ поён диҳад. Ин тасмим ба сиёсати раисиҷумҳури Амрико бастагӣ дорад.

# ТИФЛЕ, КИ АЗ ДАСТИ МОДАР ФАВТИД



**Субҳи 5-уми июл Хадичаи шашмоҳа дар шуъбаи эҳёи яке аз беморхонаҳои вилояти Хатлон аз олам даргузашт. Хадича яке аз се кӯдакест, ки аз ҷониби модар бо корд захмӣ шуда буд…**

Хушбахтона, ду бародари Хадича (яке 4 ва дигарӣ 5-сола)-ро пас аз рафтори ваҳшиёнаи модар табибон наҷот доданд, вале тифли шашмоҳа ба захми корд тоб оварда натавонист. Аз Раёсати тандурустии вилояти Хатлон марги Хадичаро тасдиқ карда, ба Pressa.tj гуфтанд, ки ӯ аз шикам, болои китф ва дасташ се корд хӯрда буд. Ҳамчунин, гуфта шуд, ки ду бародараш аз беморхона рухсат шудаанд.

Модари ин тифлон Юлдуз Бозороваи 24-сола феълан дар боздошт аст ва маълум нест, ки чаро қасди ҷони кӯдаконаш кардааст. Яке аз ҳамсояҳояш мегӯяд, ки Юлдуз як тифлашро дар гаҳвора ва ду нафари дигарро дар рахти хобашон захмӣ кардааст. Яке аз кӯдакон аз дасти модар фирор карда, бобояшро садо мекунад. Ҳамин тавр, дигар аъзои хонавода хабардор шуда, онҳоро ба бемористон бурдаанд.

Гуфта мешавад, ки падари кӯдакон дар хона набудааст ва миёни ӯву ҳамсараш мунокишаи оилавӣ ҳам сурат нагирифтааст.

Тафсилоти дигари ин қазия маълум нест. Кӯшишҳои мо барои дарёфти маълумоти бештар бенатиҷа буд. Бо пайдо шудани шарҳи бештар шуморо огоҳ хоҳем кард.



Аз толори суд

# СЕ БОР ҶАСТӢ, МАЛАХАК…

**Чашмони Раҳмат ба чор тараф мисли чашмони буқаламун ҳаракат мекарданд ва сайди навбатиро меҷустанд. Ниҳоят сайд пайдо шуд. Ӯ аз паси ҷавонзане уфтод, ки дар як даст кӯдаки тақрибан яксоларо мебардошту дар дасти дигараш ҷузвдони занонаро. “Ана ёфтам…”,- хурсандона дастонашро ба ҳам соиш дод Раҳмат ва мисли гурбае, ки аз паси муш меравад, поидан гирифт.**

Зан сари роҳ ба дорухона даромад, “шикорчӣ” низ ӯро пайгир буд. Ҷузвдонро ба пештахта гузошту кӯдак дар даст ба хариди дору машғул шуд. Раҳмат ҳам “ана фурсат расид” гуфту моҳирона занҷирчаи ҷузвдонро боз намуд, ба қавле “хаси масҷид наҷунбид”. Телефони 2000-сомонии нав аз сумкаи зан ба кисаи Раҳмат “кӯчид”…

Пас аз лаҳзае зан сумкаашро бехабар аз он, ки кисабури моҳире аллакай онро хеле сабук кардааст, гирифту аз дар берун шуд. Раҳмат низ бепарвоёна ва оромона аз дари дорухона баромад…

Раҳмат Носиров чанд сол аст, ки аз пушти ин “ҳунар” рӯз мегузаронад. Дар гузашта чанд бор ҳабс шуда бошад ҳам, ба ӯ дарс нашуд.

Тавре баъдтар, дар рафти тафтишот маълум шуд, ҷабрдидаи ин “амалиёт” Х. Мирзоева будааст. Ҷавонзан аз бонк ба маблағи 2000 сомонӣ ба таври кредитӣ қарз гирифта, як адад телефони мобилии тамғаи “Редми 9, А”-ро гирифтааст ва давоми 10 моҳ аз рӯйи шартномаи тарафайн ба бонки “Алифсармоя” 200 сомонӣ пардохт мекард. Ӯ ҳамон рӯз кӯдаки хурдсолашро гирифта аз пайи корҳояш мебароянд, бехабар аз он, ки телефонашро Раҳмат “аз худ мекунад”. Мирзоева танҳо вақти ба наклиёти ҷамъиятӣ пул доданаш мефаҳмад, ки телефони ҳанӯз қарзаш пурра адо нашуда ба яғмо рафтааст.

Дар рафти мурофиаи судӣ маълум шуд, ки ин бори аввал нест, ки Раҳмат Носиров бо гуноҳи дуздӣ ва қаллобӣ ба “дорулахлоқ” равона мегардад. Ӯ қаблан низ борҳо ин даргоҳро зиёрат намудааст ва охирин маротиба дар давоми як моҳ се маротиба телефондуздӣ кардааст. Ҳатто боре ӯ аз набудани соҳибони хона истифода бурда, ба хонаи Р. Ёров ворид гардида, аз болои ҷевон телефони “Nokia”-и арзишаш ҳамагӣ сад сомониро ғорат кардааст. Минбаъд пас аз чанд рӯзи ин ҳодиса телефони тамғаи “Samsunq S-6”-и Ниёзматовро бо роҳи қаллобӣ ба даст оварда, ба зудӣ онро бо телефони дигари истеҳсоли чинӣ бо болопулӣ иваз намудааст, ки ин танҳо се ҳолати телефондуздии Раҳмат мебошад…

Дар рафти мурофиаи судӣ Раҳмат Носиров гуноҳи худро пурра ба гардан гирифта, ҳолатҳои ҳар кадоме аз дуздиҳояшро бо ҷузъиёташ гуфта дод. Суд бо назардошти ҳолатҳои ҷиноят ба рафтори дузди кисабур баҳои ҳуқуқӣ дод ва ӯро ба муҳлати се солу шаш моҳ аз озодӣ маҳрум намуд. Ҳамчунин, ба ӯ барои гуноҳҳои содиркардааш ва зарарҳои расонидааш 21 ҳазору 900 сомонӣ ба манфиати давлат ҷарима муайян кард. Минбаъд ин кисабури “ҳунарманд” бояд 2000 сомонии телефони Мирзоеваро низ пардодад.

Тавре мардум мегӯянд, “як бор ҷасти малахак, ду бор ҷасти малахак”, охир ин “малахак” низ ба даст афтод…

**Д. ҲАКИМЗОДА,**
**муовини аввали раиси Суди н. Шоҳмансур, ш. Душанбе,**
**А. АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**




# БЕМОРИИ РӮҲӢ Ё ҚАСОС БАРОИ ЗАНИ ДУЮМ

Чаро Мадина худ ва 4 кӯдакашро ба дарё партофт?

**Ҷасади Ёсамин Абдуллохонзодаи дусола, ки бо ду хоҳару як бародараш аз ҷониби модар ба дарёи Сурхоб дар ноҳияи Фархор партофта шуда буд, пас аз 8 рӯз аз дарёи Панҷ дар ҷониби Афғонистон пайдо шуд.**

Яке аз хоҳарони дигар то ҳол пайдо нашудааст.

Бар асоси иттилои расмӣ, модари кӯдакҳо Мадина Ҳалимова шаби 29 ба 30-юми июн кӯдаконро бо худ ба дарёи Сурхоб андохтааст.

Қаблан ҷасади хоҳари Ёсамин - Зайнаб Абдуллохонзодаи 3-сола ва Муҳаммад Шарифзодаи 2-моҳа рӯзи ҳодиса ёфта шуда буд.

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб хабар дод, ки ҷасади Ёсамин пас аз ҷустуҷӯҳои тӯлонӣ аз ҷониби сокинони Афғонистон дар дарёи Панҷ пайдо ва ба мақомоти Тоҷикистон супорида шудааст.

То ҳол ҷасади Латофат Абдуллохонзода, духтари панҷсола пайдо нашудааст.

Ба иттилои манбаъ, модари кӯдакон Мадина Ҳалимова зинда аз об берун баромада, ҳоло дар боздошт қарор дорад.

Бар асоси маълумотҳо, сабаби ин фоҷеа дар ибтидо баҳси дузанагии шавҳари Мадина гуфта мешуд. Аммо шавҳар ва падари ин зан ин фарзияро рад карда, изҳор доштаанд, ки сабаби фоҷеа бемории рӯҳии модар буд.

# «ДУШАНБЕ-СИТИ”

3,4 миллион сомониро кӣ гирифт?




**Як корманди филиали бонки “Душанбе-Сити” дар ноҳияи Ашт барои аз худ кардани маблағи махсусан калон дастгир шудааст. Дар ин бора Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон хабар дод.**

Ба иттилои манбаъ, гумонбаршаванда марди 32-солаи сокини ноҳияи Ашт буда, аз соли 2021 дар вазифаи инкасатор-бригадир дар ин бонк кор мекардааст.

Тибқи маълумоти ВКД, номбурда дар давоми чор рӯз - аз 27 то 30-юми июни соли 2025 аз терминалҳои ноҳияи Ашт маблағи 3 миллиону 70 ҳазор сомониро ба таври нақдӣ гирифта, ба суратҳисоби бонк ворид накарда, зарари махсусан калон расонидааст.

ВКД мегӯяд, ки нисбати гумонбар бо моддаи 245, қисми 4-и Кодекси ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Ин модда барои азхудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ то 15 соли маҳрумият аз озодиро пешбинӣ мекунад.

# АФЗОИШИ ИСРОФКОРИИ БАРҚ ДАР ХАТЛОН

**Дар ним сол дар Хатлон наздики 3 ҳазор ҳолати истифодаи ғайриқонунии барқ ошкор шудааст. Прокуратураи вилоят хабар медиҳад, ки дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар ин вилоят 67 санҷиш гузаронида, 2 ҳазору 836 ҳолати истифодаи ғайриқонунии барқро ошкор кардааст.**

Ба иттилои ин ниҳод, 77,5 миллион сомонӣ зарари расида (барои муқоиса: дар 6 моҳи соли гузашта - 29,6 миллион сомонӣ) барқарор шудааст. Аммо гуфта намешавад, ки ҳаҷми умумии хисорот чӣ қадар будааст.

Манбаъ гуфтааст, ки дар робита ба ин ҳолатҳо 73 парвандаи ҷиноятӣ (барои муқоиса: дар 6 моҳи соли 2024-ум 13 парванда) боз кардааст.

**Парвандаҳои ҷиноятӣ бар асоси моддаҳои зерини Кодекси ҷиноятӣ ифтитоҳ гардидаанд:**

- *моддаи 245 - азхудкунӣ ё исрофкорӣ;*
- *моддаи 299 - тағйир додани иттилооти компютерӣ;*
- *моддаи 340 - сохтакории ҳуҷҷатҳо;*
- *моддаи 163 - вайрон кардани тартиби баррасии мурочиати шаҳрвандон.*

# 7 МАҲСУЛОТ

## БАРОИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ ХОТИРА

**Барои зеҳни солим ва хотираи хуб истеъмоли ғизои дуруст ва бой аз моддаҳои фоиданок бисёр муҳим аст. Хӯрданиҳои лазизи муфиде ҳастанд, ки барои фаъолияти хуби майнаи сар ва мустаҳкам шудани хотираи инсон фоида доранд.**

### 1. МОҲИИ РАВҒАНӢ

Моҳӣ, махсусан навъҳои равғании он аз омега бой буда, ба фаъолияти хуби майнаи сар мусоидат менамояд.

### 2. ТУХМ

Тухм манбаи холин буда, барои мустаҳкам шудани хотира муҳим мебошад.

### 3. МЕВА

Махсусан гелос, олуча, зардолу ва буттамеваҳо, аз ҷумла клубника аз антиоксидантҳо ва моддаҳои зиддиилтиҳобӣ бой буда, майнаи сарро муҳофизат мекунанд ва фаъол мегардонанд.

### 4. ЧОРМАҒЗ ВА БОДОМ

Омега-3, витамини Е ва антиоксидантҳо дар таркиби чормағз ва бодом зиёд буда, шахсоне, ки хӯрдани ин донагиҳоро хеле дӯст медоранд, қобилияти ақлониашон торафт баландтар мешавад. Махсусан чормағзи англисӣ хеле фоиданок аст.

### 4. САБЗАВОТ ВА КАБУДИҲО

Махсусан исфаноч, брокколи аз витамини K, лутеин ва фолат бой буда, фаъолияти мағзи сарро беҳтар месозанд.

### 5. ШОКОЛАД

Шоколади сиёҳ (70% какао ва бештар) миқдори ками кофеин ва антиоксидантҳо дошта, майнаи сарро фаъол ва зеҳни касро равшан месозад.

### 6. АВОКАДО

Авокадо барои гардиши хун дар майнаи сар кумак мекунад ва равғанҳои солим дорад.

### 7. ҒАЛЛАДОНАГИҲО

Ҷав, нахӯд, лӯбиё ба ҷисму ҷони кас энергия ва глюкозаи устувор медиҳанд, ки барои кори мағзи сар низ муҳим мебошад.

*Илова бар ғизо: Оби кофӣ бинӯшед - камобӣ боиси хастагӣ ва кам шудани таваҷҷуҳ мешавад.*





# ТАЪСИРИ ГАРМӢ БА БЕМОРОНИ ҚАЛБ

**Бо гарм шудани ҳаво аҳволи одамоне, ки дилашон ягон иллат дорад, якбора бад мешавад.**

Ҳавои аз ҳад гарми тобистон ҳатто барои дили солим зарарнок аст, зеро дар айёми гармо дил аз ҳад зиёд хунро ба гардиш меорад. Дар натиҷа таппиши дил зиёд ва фишори хун баланд мешавад.

Бо сабаби беобшавии ҷисм хун ғафс шуда, оксигенаш кам мешавад ва ҳамаи ин боиси беҳушшавӣ, сактаи дил ва фалаҷ гашта метавонад.

### БАРОИ ПЕШГИРӢ ЧӢ БОЯД КАРД?

Агар шумо ба иллатҳои дил гирифтор бошед, доруҳоеро, ки табиб тавсия додааст, ҳар рӯз дар вақти таъиншуда қабул кунед. Дар ҳавои гарм зиёд кор ва ҳаракати ҷисмонӣ накунед ва сари луч нагардед.

Хӯрокҳои серравған ва махсусан гӯшти гӯсфанд истеъмол накунед.

Бештар об ва шарбатҳои мевагӣ нӯшед.

Аз гармои тобистон бо оббозӣ салқин шудан мехоста бошед, эҳтиёт шавед, зеро оби сард рагҳои хунгардро танг месозад.

# БЕМОРИЕ, КИ АЗ ОББОЗӢ ПАЙДО МЕШАВАД



**Албатта тобистонро бе оббозӣ тасаввур кардан душвор аст, вале дар ин кор низ бояд хеле эҳтиёт шуд, то ба саломатии худ зиён нарасонем, зеро баъзе бемориҳое ҳастанд, ки маҳз аз оббозӣ пайдо мешаванд.**

Аз ҷумла бемории аэроотит асосан дар дӯстдорони оббозӣ мушоҳида карда мешавад. Сабаб дар он аст, ки андаке шамолхӯрию зукоми сабук ё ба даруни ҳавзи об паридан боиси аз роҳи ҳалку бинӣ ба гӯш ворид шудани инфексия мегардад. Нишонаҳои аввалини беморӣ шунавоии паст, пайдо шудани садо дар гӯшҳо ва сихзании пардаи гӯш мебошад. Дар сурати мушоҳида намудани ин беморӣ дар худ ё фарзандонатон ҳатман ба табибон муроҷиат намоед, зеро дар сурати бепарвоӣ нисбат ба ин беморӣ шунавоии инсон паст гашта метавонад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Аввали ҳафта табъатон хушу хотиратон болида мегардад. Ҳафтаи хубест барои беҳтар сохтани муносибатҳои ошиқона. Аз тухфаву меҳрубониҳои дӯстдоштаатон болу пар мебароред. Зану шавҳароне, ки бо волидон зиндагӣ мекунанд, дучори нофаҳмиҳо мегарданд.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта дилатон оромиву кунҷи танҳоӣ мехоҳад. Коре кунед, ки касе оромиятонро халалдор насозад, телефонатонро хомӯш созед, агар имкон дошта бошед, ба ягон осоишгоҳ равед. Аз миёнаи ҳафта ташвишатон зиёд мегардад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Аввали ҳафта шуморо лозим аст, ки вақти бештари худро бо дӯстон сипарӣ намоед. Агар имкони берун аз шаҳр рафтанро дошта бошед, аз чунин истироҳат ҳаловат баред. Миёнаи ҳафта дучори мушкилоти молиявӣ шуданатон имконпазир аст.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Аввали ҳафта имкони ба зудӣ ва бе ягон кӯшиши зиёд ба баъзе мақсадҳои худ ноил гаштанро доред. Айни замон ба дастгирии наздикон ё роҳбарияти коргоҳ умед баста метавонед. Ҳамзамон масъалаи баланд бардоштани маошатон низ ҳал мегардад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Аввали ҳафта ҳисси кунҷкобиятон зиёд мегардад. Дар ин шабу рӯз бо омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шуданатон самараи хуб медиҳад. Миёнаи ҳафта фаъолияти шумо дар аксари соҳаҳо маҳдуд мегардад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Авали ҳафта зодагони мучали сунбула ба кору амалҳои хатарнок даст задан мехоҳанд. Нафарони муҷаррад ба хотири дилхушӣ омодаанд, ки ҳатто бо нафари ношинос ба мулоқот раванд. Ҳодисаҳои дигаре низ рух медиҳанд, ки барои шумо фарҷоми нек хоҳанд дошт.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Нафарони оиладор аввали ҳафта баъзе нофаҳмиҳои вуҷуддоштаро бартараф месозанд. Маслиҳати наздикон дар рафъ намудани баҳсу мунозираҳо нақши калидӣ мебозанд. Аз миёнаи ҳафта сар карда, давраи ҳассосу масъулиятнок фаро мерасад.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Аввали ҳафта дар касбу кор ва зиндагиятон ба дастовардҳои зиёд ноил мегардед. Ҳамзамон барои тағйир додани реҷаи рӯз, сар кардани парҳез ва мунтазам иҷро намудани машқҳои ҷисмонӣ ҳафтаи мусоид аст. Неруи худро барои корҳои беарзиш сарф накунед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Аввали ҳафта дар сафар бо нафаре шинос мешавед, ки дарҳол ба қалбатон роҳ меёбад. Ҳарчанд ин шиносоӣ дарозмуддат набошад ҳам, аз он хотироти ширине бо шумо мемонад. Миёнаи ҳафта эҳтимоли сар задани ҳодисаи пуризтироб вуҷуд дорад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Аввали ҳафта як қатор масъалаҳои муҳимро, ки бо ободонии хонаву даратон вобастагӣ дорад, ҳал карда метавонед. Ҳафта барои харидорӣ намудани мебел ва техникаи рӯзгор мусоидат мекунад. Дар ин шабу рӯз эҳтимоли сар задани мунокиша зиёд аст.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Аввали ҳафта барои вохӯриҳои нави ошиқона мусоидат мекунад. Рӯзҳои душанбе ва сешанбе бо ҳар нафари дилхоҳи худ забон ёфтанатон осон мегардад. Аз миёнаи ҳафта сар карда, ба реҷаи рӯзи худ диққати хосса диҳед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Аввали ҳафта мушкилиҳои зиёдеро ба осонӣ бартараф карда метавонед. Рӯзҳои душанбе ва сешанбе метавонед аз пайи ташхис ва табобати бемориҳо шавед. Миёнаи ҳафта нафарони ошиқ дучори нофаҳмиву низоъ мегарданд.

# БЕҲТАРИН МАРДУМ МУАЛЛИМ МЕШАВАНД...



**Вақте симои устоди азизам Сангин Гулзодро пеши назар меорам, ба ҳақиқат, ба воқеӣ будан, ба дурустии ин суханон бори дигар сидқан бовар мекунам, ки “беҳтарини мардумон муаллим мешаванд”.**

Воқеан ҳам, устоди азиз аз зумраи беҳтарин омӯзгорони олам ҳастанд, ки ин ҳақиқатро ҳазорон ҳазор шогирдон, намояндагони якчанд насли журналистикаи муосир, онхое, ки аз замони таъсиси факултети журналистика дар он таҳсил кардаанд ва ҳам ононе имрӯз таълим мегиранд, тасдиқ менамоянд, чун беҳтарин хислатҳои хоси ин касби шарифу муқаддасро доранд.

Устоди гиромии мо се сол қабл дар матлаби пурмуҳтавое моҳиятан дах қоидаи муҳимеро, ки донистану риоя карданаш барои муаллим-журналист ҳатмӣ аст, муқаррар намуда буданд. Вақте ин матлабро, ки чун дастур барои омӯзгорони тахассусҳои рӯзноманигорист, мутолиа кардам, дар ҳар яке симои худи устоди азизро дидам, ки ин қоидаҳоро аз буда бештар ба эътибор гирифтаву иҷро менамоянд ва ҳамин аст, ки дар дилу дидаи шогирдон ҷой доранд. Беҳтарин тавсифро яке аз шогирдонашон ибroз дошта буд, ки “устоди азиз дар аудитория мисли моҳие дар об ҳастанд”. Воқеан, ончунон ки моҳӣ дар об эҳсоси фараҳу хушҳолӣ мекунад ва аслан, ҳаёти худро мебинад, об низ бо вуҷуди моҳӣ дураҳшу ҷило ва софиву сафо ҳохад дошт...

Дар ҳақиқат, ин саодат на ба ҳар кас насиб мекунад, ки ба касби хеш то ба ин андоза муҳаббат дошта бошад ва то ба ин ҳад муваффақ гардад. Ба пиндори ман, барои устоди азизи мо муаллимӣ касб нест, балки ишқ аст ва ҳамин муҳаббат сабаби комёбии бузургу беназирашон - роҳ ёфтан ба қалбҳо гардидааст.

Устоди азизи мо равоншиноси бузурге ҳастанд; руҳияи шогирдонро хуб медонанд ва ба ҳар яке муносибу мувофиқ ба хулқу атвораш муносибат мекунанд, ки ин тарзи муносибат дарсро ба “замзамаи муҳаббат” табдил медиҳад ва ҳамин аст, ки ҳамеша дарсашон бо интизориҳо истиқбол мешавад. Солҳо қабл навишта будам, ки “муносибати самимона ва садоқати устод ба касбашон аст, ки маҳбуби қалби ҳазорон ҳазор шогирдон гардидаанд ва ҳеҷ гоҳ симои пурнурашон, ки чун рамзи даврони тиллоии ҳаёт - донишҷӯӣ дар лавҳи хотири онҳо нақш бастааст, зудуда нахоҳад шуд. Ин аст, ки устод тамоми умр барои шогирдон рамзи ҷавонӣ, шодмониву сурур ва хотироти беҳтарини рӯзгор мемонанд... Ҳар як дарси устод олимона, орифона, ошиқона ва ниҳоят зебову хотирмон сурат мегирад. Ҳангоми таҳсил вақте чӣ гуна ба охир расидани 90 дақиқаро эҳсос намекардем ва ба гумонамон лаҳзаи зеберо мемонд, фикр мекардам, Худованд устодро махз барои омӯзгорӣ офаридааст. Хуш аст, ки ин пешаи басо азиз, муқаддас ва пурмасъулиятро имрӯзҳо низ сарбаландона идома мебахшанд”.

Устоди азизи мо пеш аз он ки омӯзгори беҳтарин бошанд, аввалан инсони комил ҳастанд, ки ин сифат махсусан дар замони имрӯз ниҳоят муҳим гардидааст. Воқеан ҳам, тавре Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона мефармоянд, “шоистатар зи рутбаи Одам мақом нест...”. Хуш ба ҳоли ононе, ки ин мақомро доранд.

Вақте амиқан андеша мекунем, дарк менамоем, ки расидан ба ин мақом кори саҳле нест ва ин мақом ҳеҷ расмияту намоишеро ҳам намеписандад, ин он мақоме нест, ки имкон диҳад барои намоиш додан ба дигарон худро ба гунаҳое вонамуд кард. Ин мақом самимӣ, воқеӣ, ҳақиқӣ буданро тақозо дорад, ки устоди азизи мо бо тамоми вуҷуд сиришта аз табиати чунин мақоми воло ҳастанд.

Наздики бист соле, ки устоди азизро мешиносам ва ифтихори шогирдиашонро дорам, борҳову борҳо шоҳиди инсонияти олидараҷаи устод будам, ки якрӯиву самимият ва ҷавонмардиҳояшон касро мафтун мекунад. Ҳамин чанде қабл буд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ доир ба муносибати байниҳамии баъзе олимон, муҳитҳои илмӣ суханҳои гуногуне иброз шуд ва он чо ҳарфҳое ҳам буд, ки ба воқеӣ будани онҳо боварии кас намеомад. Дар чунин ҳол барои муқоиса, замони аспирантӣ, муҳити илмӣ ва муҳокимаҳои корҳои диссертатсиониро бо роҳбарӣ (чун мудири кафедра буданд) ва ширкати устоди азиз пеши назар овардам, ки чӣ сон баргузор мешуд. Ҳар сухане лозим медонистанд ва ба манфиати кор буд, рӯирост, дар чояш ибroз медоштанд, баҳсу мунозираҳо мекарданд ва ҳеҷ гоҳ аз паси диссертанту роҳбари ӯ ҳарфи дигаре намегуфтанд, ҳамеша хайрхоҳ буданд ва то ҳадди имкону тавон дастгирӣ мекарданд. Дилу нияти пок доранд, бидуни ягон ғараз, самимона ҳар кумаке аз дасташон ояд, дареғ намедоранд. Ба чунин муносибатҳо ҳавасам меомад ва ифтихор мекардам, ки шогирди чунин шахсияти бузург ҳастам.

Ёдам меояд, ҳангоме кори номзадиам дар ҷаласаи факултет муҳокима гардид ва анҷоми он муваффақона буд (чун ба дифоъ пешниҳод шуд), дар хотима бароям сухан доданд. Бо изҳори сипос аз устоди азиз, ки роҳбарам ҳастанд, иброз доштам, ки як сухани устод роҳнамову роҳкушои ман буд, чун ҳолатҳое мешуд, ки бо вуҷуди фикру андешаҳои зиёд наметавонӣ аз як бунбасте бурун оӣ; дар чунин вазъият як маслиҳат, як машварати устод боис мешуд, ки пеши роҳ кушода шавад ва таҳқиқи мавзуъ идома ёбад. Таъкидан иброз доштам, ки аз устоди азиз барои чунин роҳнамоиҳои оқилонаву одилонаашон беҳад сипосгузор ҳастам.

Ҳамин лаҳза нафаре аз ширкатдорони ҷаласа луқма партофт, ки ҳар роҳбар бояд чунин бошад. Чун мавриди сухан буд, гуфтам, ки “оре, шумо дуруст мегӯед, аммо ба назари ман, миёни “бояд бошад” ва оне ки ҳаст, тафовут хеле ва хеле калон аст”.

Воқеан ҳам, устоди азиз дар ин масъала низ аз шахсиятҳои идеалӣ ҳастанд, устод ва роҳбаре чун намунаи ибрат мебошанд. Мо, шогирдон, онҳое, ки зери роҳбариашон рисолаҳо ҳимоя кардем, ҳама мадюни меҳрубониҳо ва роҳнамоиҳои беғаразонаи устоди азизи хеш ҳастем, чун муносибати устод бо шогирдон худ як мактаби дигар аст.

Дар панҷоҳумин солгарди умри пурбаракаташон устоди азизро ба “Пайкараи садоқат” нисбат дода будам: “Ба устод ва шахсияти нотакрорашон чун ба пайкараи садоқат муносибат мекунам... пайкараи шукӯҳманде, ки ҳангоми рӯ ба рӯ гардидан эҳсоси гарму гуворое, хаяҷону ҳиссиёти саршори эҳтирому арҷгузорӣ ва як навъ кӯшиши эҳтиёткорӣ фарогирам мешавад... пайкараи бошукӯҳе, ки рамзи садоқат - садоқат ба арзишҳои волои инсонӣ, ойини ҷавонмардӣ, ҳақиқат, принсипи ҳаёт, одамият, муқаддасоти миллӣ, шахсиятҳои барҷаста, касб, устодон... аст”. Танҳо як илова мекунам, ки дар замони моддиётгароии имрӯз устоди азиз пайкараи садоқат ба маънавиёт, ба арзишҳои аслии инсонӣ ҳастанд.

Имрӯз низ ҳамин мавқеъро дорам ва боз ҳам мегӯям, ки “ифтихори шогирди устод будан бароям як умр беҳтарин эҳсосе хоҳад буд”.

Шасти камолотро ба устоди азизам таҳният мегӯям ва барояшон танҳо саломатӣ меҳоҳам, то ифтихори шогирдӣ насиби ҳазорон ҳазор донишҷӯйи дигари факултет гардад, чун ба шарофати дарсҳои хотирмону фаромӯшнопазирашон ҷилову зебоии даврони тиллоии ҳаёти хешро пурра эҳсос менамоянд ва тамоми умр чун хотироти ширину зебое бо худ хоҳанд дошт.

**Хушдил РАҲИМҶОН,**
**номзади илми филология**

## МАВЛУДНОМА

### 10 ИЮЛ

**Ваҳҳоб Бобоҷонов** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Абдуқодир Қаландаров** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Муҳаммад Субҳон** (1945-2025), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

**Саидмурод Ҳоҷиев** (1930), 95-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор.

**Саидаҳмад Ҷамолов** (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

### 11 ИЮЛ

**Павел Безпошадний** (1895-1968), 130-солагии зодрӯзи шоири русзабони Тоҷикистон.

**Сироҷиддин Комилов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Шукриниссо Маҳкамова** (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Абдурашид Сангинов** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 12 ИЮЛ

**Муқаиршо Донаёров** (1910-2004), 115-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

**Наталя Салоник** (1955), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

### 13 ИЮЛ

**Фотима Куинова** (1925-2021), 100-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Назрӣ Одил** (1925-1990), 100-солагии зодрӯзи журналист, нависанда.

**Алиҷон Шокиров** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 14 ИЮЛ

**Изроил Лихтсеер** (1905-1990), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Залмон Муллоқандов** (1900-1967), 125-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Курбон Одинаев** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Очил Юсуфов** (1940), 85-солагии зодрӯзи рассом.

### 15 ИЮЛ

**Амонулло Ашӯров** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Ато Карим** (1950-2020), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Телман Раҷабов** (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Фирӯз Ҳакимов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

### 16 ИЮЛ

**Замоналӣ Қурбонов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Бузург Олимов** (1930-1990), 95-солагии зодрӯзи журналист, олими соҳаи педагогика.

**Раҳмонқул Раҳматиллоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Диплом ва варақаи замимаи ДТК №0149022, рақами қайд №68, ба номи Юлчиева Фируза Юнусҷоновна, ки соли 2018 аз ҷониби Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов дода шудааст, аз сабаби ислоҳ кардани хатой дар насаб ва номи падар (фамилия и отчество) беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани талабот тахти феҳристи №2ш-1015, аз 05.11.2021, байни Ниязов Абдукарим Халикович ва Кахарова Мубинахон Абдугафаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Т. Пулодӣ, хонаи 27/1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда тахти феҳристи №1Ш-2011, аз 08.12.2014, аз номи Налоева Лилиан Ҷансоновна ба ҶДММ "АРК ЛОИҲА", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи П. Лумумбы, хонаи 27, ҳ. 4, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани талабот тахти феҳристи №2ш-853, аз санаи 20.03.2021, байни Налоева Лилиан Ҷансоновна ва Ниязов Абдукарим Халикович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Т. Пулодӣ, хонаи 27/1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Назаров Мумин Сафолович, РМА: 325648261,ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Хуҷанапасов Давлат Комилҷоновн, №0421233, РЯМ: 0430299779, РМА: 325864807, санаи судур 23.01.2020, ки дар Нозироти андоз дар н. Сино ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Саидов Тоир Мирзоқодирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Машъал, хонаи 86, ки санаи 25.01.2016 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A03827863, ба номи Шодигул Мамадёрбекова Нодирхоновна, ки санаи 27.08.2021 аз ШВКД дар ш. Хоруғ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббарорӣ, ОКА ПФ 1478, ба номи ҶСК "Роҳат", РЯМ: 0210001138, РМА: 020001221, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №85741, аз санаи 16.03.2023, ба номи ширкати комилии "Шукрона 2002", ш. Душанбе, н. Сино, к. Арбобхотун, хонаи б/р, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Рауфов Раҳмонали Вадудович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Арбобхотун, санаи 25.07.2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ширкати комилии "Шукрона 2002", №0268754, РЯМ: 1210002714, РМА: 120024365, санаи судур 06.02.2023, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Парвандаи заминсозӣ оиди барасмиятдарории қитъаи замини ширкати комилии "Шукрона 2002" воқеъ дар ш. Душанбе, н. Сино, к. Арбобхотун, хонаи б/р, масоҳати қитъаи замин 2.0 га, аз санаи 15.03.2023, №1185, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ҶДММ "Баҳор-4", РМА: 020004823, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи рақами 2/7Б-19 ба номи Иброхимов Умедҷон Саъдиевич бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи А. Лоҳутӣ 4/33, масоҳати умумӣ 46,59 м.м., ошёнаи 7-ум, блоки Б, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагӣ, АА 1185091, ба номи Ҳасанов Умар Нуралиевич, ки санаи 22.06.2021 аз ШББИ №5 ШБИ РБДА ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A01982325, ба номи Тураев Нематулло Саидович, ки санаи 25.06.2015 аз ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, №4-1533, аз санаи 27.04.2024, байни Асроров Акбар Мустафоевич ва Лалбекова Мадина Алимбековна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ, ошёнаи 15, блоки К, фазаи 6, масоҳати 62.1 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Курбонова Муҳабат Хамрокуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Назаршоев 269/1, ҳ. 52, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Ғиёсова Марзия Раҳмидиновна, РЯМ: 0730240445, РМА: 065288738, ки аз 21.10.2024 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Юлдошев Сухроб, РЯМ: 073019705, РМА: 076275107, ки аз 20.12.2019 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1254436, ба номи Ҳасанов Умар Нуралиевич, ки санаи 06.07.2023 аз ҷониби МТМУ №40-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии Авазбобо-2005, роҳбараш Одинаев Хидирали, РЯМ: 0730014102, РМА: 075168391, ки аз 04.04.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Худойназаров Садриддин, РЯМ: 0730051181, РМА: 075354773, ки аз 28.07.2011 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Баркамол", №0268650, РЯМ: 0210031562, РМА: 020057344, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Раводид барои сайри дунё", №0269881, РЯМ: 0110032414, РМА: 010109181, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶСК "Роҳат", №0001473, РЯМ: 0210001138, РМА: 020001221, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 84, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## МЕХАРАМ

► Мебели б/у, диван, нармкурсӣ, ҷевонҳо, мизу курсиҳо, гарнитури хонаи хоб, катҳои дуқабата, кондитсионерҳо, ваннаҳо, яхдонҳо, мошинаи ҷомашӯии "Киргизия", қолину палос, курпаву курпача. Молҳои музояда. Тел.: 55-035-11-35 (ватсап), 0000-11-692 (ватсап), 90-266-66-26, 90-300-71-30, 900-70-98-98 (танҳо ватсап).

## КОР МЕҶӮЯМ

► Директор, сармуҳосиб, аудитор, таҷрибаи калони корӣ дорам, эҳтимоли дар ду ҷой кор кардан ҳаст. Тел.: 93-501-06-54

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

**Procurement and Supply Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 27662/NPSA-7), Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 July 2025, 23:59 NY Time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

## ҶУДО

# ШИРКАТИ 12 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР ULAANBAATAR GRAND SLAM 2025




**Аз 25 то 27-уми июли соли равон дар шаҳри Уланбатори Муғулистон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо дар соли 2025 Ulaanbaatar Grand Slam 2025 баргузор мешавад, ки 12 ҷудокори тоҷик дар он ширкат хоҳанд кард.**

Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) хабар медиҳад, ки барои ширкат дар мусобиқаи Ulaanbaatar Grand Slam 2025 ҳоло 158 ҷудокор (105 мард, 53 зан) аз 26 кишвари ҷаҳон номнавис шудаанд. Тоҷикистонро дар мусобиқаи мазкур 12 паҳлавон миёни мардон - Муллораҷаб Халифаев (-66 кг), Ёсин Бобокалонов (-66 кг), Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг), Сунатулло Мусоев (-81 кг), Умедҷон Раҷабов (-90 кг), Мизробшо Лоиқов (-90 кг), Муҳсин Малаев (-100 кг), Кароматулло Ҳакимов (-100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг) ва миёни бонувон Александра Кан (-57 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) муаррифӣ мекунанд.

Дар рӯзи аввал, 25-уми июл чудокорон дар вазнҳои -60 кг, -66 кг миёни мардон ва вазнҳои - 48 кг, -52 кг, -57 кг миёни бонувон рақобат мекунанд. Дар рӯзи дуюм мардон дар вазнҳои 73 кг, -81 кг ва бонувон дар вазнҳои -63 кг, -70 кг сабқат мекунанд. Дар рӯзи охири мусобиқа мардон дар вазнҳои - 90 кг, -100 кг, +100 кг ва бонувон дар вазнҳои -78 кг, +78 кг баромад мекунанд. Оғози рақобатҳо ҳоло дертар маълум хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки дар охирин мусобиқаи Ulaanbaatar Grand Slam чудокори мо Обид Чебов (-66 кг) ба гирифтани медали нуқра шарафёб гардида буд.

## CAFA-2025

# ТОҶИКИСТОН МУСОБИҚАРО АЗ БОЗӢ БО МАЛАЙЗИЯ ШУРӮЪ МЕКУНАД

**Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ҷадвали бозиҳои мусобиқаи «CAFA Nations Cup 2025»-ро, ки аз 29-уми август то 8-уми сентябр баргузор мешавад, эълон кард.**

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «В» бо тимҳои миллии Малайзия (29-уми август), Афғонистон (1-уми сентябр) ва Эрон (4-уми сентябр) неру месанҷад. Бозиҳо дар ин чаҳоргона дар шаҳри Ҳисор баргузор мешаванд.

Бозиҳои гурӯҳи «А» бо ширкати дастаҳои



Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Уммон дар Ӯзбекистон баргузор мешаванд.

Тибқи муқаррароти Ҷоми миллатҳои CAFA воҳӯриҳои марҳилаи гурӯҳӣ дар шакли даврӣ баргузор мешаванд. Сипас, ғолибони гурӯҳҳо дар финал вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷойи дуюмро мегиранд, барои ҷои сеюм мубориза мебаранд. Бозии ниҳоии мусобиқот дар Тошканд ва бозӣ барои ҷойи сеюм дар Ҳисор ба нақша гирифта шудаанд.

## БОКС

# ШИРКАТИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР «WINLINE.IBA.PRO 8»

**22-юми июл дар шаҳри Душанбе шоми бокси мусобиқаи «Winline.IBA. PRO 8» баргузор мегардад, ки дар он муштзанҳои тоҷик барои ҳимояи унвон ба ринг мебароянд.**

Чемпиони Осиё дар соли 2019 ва соҳиби медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар соли 2023 Баходур Усмонов (10-0, KO 5) аз Тоҷикистон 22-юми июл дар шаҳри Душанбе барои ҳимояи унвони қаҳрамонии IBA.PRO Intercontinental дар вазни сабук бо Кристофер Муафо (11-1, KO 6) аз Камерун, ки дар зинаи панҷуми раддабандии WBO қарор дорад, мубориза мебарад. Кристофер Муафои 29-сола дар Швейтсария зиндагӣ мекунад ва аксари набардҳои касбии худро дар ҳамин кишвар баргузор кардааст. Дар моҳи сентябри соли 2024 Муафо камарбанди WBO Global-ро ба даст оварда буд.

Инчунин дар ин рақобат барои камарбанди WBO Intercontinental низ му-




бориза сурат хоҳад гирифт. Ин набард аз 10 раунд иборат буда, рақобати асосии мусобиқаи «Winline. IBA.PRO 8» махсуб мешавад, ки дар доираи Форуми байналмилалии иқтисодии Осиёи Марказӣ баргузор мегардад.

Дар рақобати дуюми муҳими мусобиқаи «Winline. IBA.PRO 8» дорандаи медали биринҷии Бозиҳои олимпии соли 2024 Давлат Болтаев (4-0, KO2) барои унвони IBA.PRO Intercontinental бо муштзани Нигерия Соломон Адебайо (14- 0, KO 13) дар мубоизаи 8-раунда рақобат хоҳад кард.

Ҳамчунин, дар доираи барномаи асосии «IBA.PRO 8» финалисти чемпионати ҷаҳон-2021 аз Русия Вадим Мусаев (12- 0, KO 8) барои камарбанди IBA. PRO Intercontinental дар вазни то 67 кг бо муштзани Мексика Хосе Мигел Борреро (22 - 4, KO 18) рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

## ФУТБОЛ

# ДУХТАРОНИ ТОҶИК БА ҶОМИ ОСИЁ-2026 РОҲ НАЁФТАНД

**7 дастаи мунтахаб ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 роҳхат гирифтанд. Инҳо дастаҳои Австралия, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон, Чин, Бангладеш, Филиппин, Ветнам, Ҳиндустон, Тайбэи Чин, Куриёи Шимолӣ ва Ӯзбекистон ҳастанд.**

Танҳо бозиҳои интихобии гурӯҳӣ "А" боқӣ мондааст, ки ғолиби ин гурӯҳ роҳхати охиринро ба даст меорад. Ҷоми Осиё-2026 миёни мунтахабҳои занона моҳи марти соли оянда дар Австралия баргузор мегардад.

Дастаи мунтахаби бонувони Тоҷикистон дар гурӯҳи “H” аз дастаҳои мунтахаби Куриёи Шимолӣ (0:10), Малайзия (0:1) ва Фаластин (0:3) мағлуб шуд ва ба қисми ниҳоии мусобиқа роҳхат гирифта натавонист. Аз ин гурӯҳ Куриёи Шимолӣ бо 9 имтиёз соҳиби роҳхат шуд.



## РЕЗААХБОР




Размикори тоҷик Муҳаммадхӯҷа Ёқубов рақобати навбатияшро дар ИМА доир мекунад. Ҳарифи Ёқубов (22-1) Уилям Фостери (19-2) амрикоӣ хоҳад буд. Ин нерусанҷӣ қарор аст рӯзи 15-уми август дар Флорида доир шавад.

***

Дар Алмаатои Қазоқистон мусобиқаи Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасон ва ҷавонон баргузор гардид. Дар мусобиқа 459 ҷудокор аз 10 кишвари Осиё иштирок карданд. Тоҷикистонро миёни наврасон 15 ва миёни ҷавонон 22 ҷудокор намояндагӣ карда, соҳиби 5 медал гардиданд. Миёни наврасон Лоиқ Қутбуддинов (60 кг) нишони нуқра, Бобоҷон Шаропов (73 кг) нишони биринҷӣ, миёни ҷавонон Искандар Маҳмадхоҷазода (-66 кг) нишони нуқра, Умер Шеров (-66 кг) ва Бинёмин Назаров (-73 кг) нишони биринҷӣ гирифтанд.

***

Дар Бишкеки Қирғизистон Чемпионати куштии юнону румии Осиё миёни наврасони то 15-сола баргузор шуд. Дар рӯзи аввал 8 паҳлавони навраси тоҷик баромад карданд ва соҳиби 7 нишон шуданд. Бахтовар Примкулов (62 кг), Шоҳиҷаҳон Бобоев (68 кг) ва Ғаниҷони Шероз (75 кг) нишони тилло, Маҳдӣ Баротов (57 кг) нишони нуқра, Сироҷиддин Юлдошев (41 кг), Муҳаммадёсин Ибодуллоев (44 кг) ва Муҳаммад Зайниддинзода (85 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварданд.

***

Чемпионати Ассотсиатсияи волейболи Осиёи Марказӣ (CAVA) байни духтарони то 16-сола дар шаҳри Душанбе ҷамъбаст шуд. Чемпионат бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Федератсияи волейболи Тоҷикистон дар «Кохи Олимп»-и шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар он ҷойи якумро варзишгардухтарони Қазоқистон, ҷойи дуюмро дастаи Ӯзбекистон ва ҷойи сеюмро дастаи Қирғизистон ба даст оварданд.




## ДОРУ

Ҳамшираи шафқат ба палата даромада, бемореро такон дода, мегӯяд:

- Бемор Ашӯров, зудтар бедор шавед...

Бемор парида мехезад:

- Чӣ гап шуд?

Ҳамшираи шафқат:

- Ман ба шумо доруи хоб овардам.

## ЗАНҲО

Шерлок Холмс, ки умре муҷаррад буд, ба доктор Ватсон мегӯяд:

- Занҳо аз ғоратгарон бадтаранд.

- Барои чӣ?,- ҳайрон мешавад Ватсон.

- Барои он ки ғоратгарон ё ҳамёнатро мерабоянд ё ҳаётатро. Занҳо бошанд, ҳам ину ҳам онро.

## ОПЕРА

Писарбача аз падар мепурсад:

- Дада, опера чист?

Падар дар ҷавоб:

- Чӣ хел ба ту фаҳмонам... Опера - вақте ки яке дигареро ба қатл мерасонад ва нафари қатлшуда қабл аз афтиданаш дурудароз ва бо садои баланд гиря мекунад.

## ДАШНОМ

Марде ба назди равонпизишк омада, мегӯяд:

- Духтур, дар даруни сари ман одамчае ҳаст, ки пайваста дашном медиҳад.

Равонпизишк мегӯяд:

- Табобати шумо хеле осон аст. 1000 сомонӣ ва ҳамаи мушкилиятон ҳал мешавад!

Бемор дар ҷавоб:

- Духтур, медонед худи ҳозир одамчаи даруни сари ман чӣ гуфт?

## ДАРОЗУМР

Аз подабони дарозумр мепурсанд:

- Сирри дарозумрии шумо дар чист? Шояд сабаб дар ҳавои тозаи кӯҳистон бошад, ки шумо як умр дар он ҷо зиндагӣ мекунед?

Подабон мегӯяд:

- Гап дар ин нест. Гап сари он аст, ки 120 сол боз ба сари гӯсфандон дод мегӯям, на баръакс.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

# ҲЕЗУМИ САИДҚУЛ БИЛОЛОВ БИСЁР АСТ?

**Дар Кангурти бостонӣ мардони зиндадилу зарофатгӯ бисёр буданду шукри Худо, имрӯз ҳам ҳастанд.**





Нақл мекунанд, ки Бобои Саиди Апалоқ (чояш ҷаннати барин бод, як марди зарофатгӯи Кангурт) рӯзе аз савдо ба хонааш бармегардад. Чун вориди ҳавлиаш мешаваду халтаи савдояшро ба рӯи сӯфа мегузорад, овози завҷааш баланд мешавад.

- Дар хона як дона хезум, як дона тапак, як сари хас нест, ки аловро даргиронаву нон пазӣ. Ин марди хона бузеро ба барге кор надорад, шаб рӯз ки шуд, халтаашро мегираду меравад, кошки аз ин савдояш ягон фоидае бошад. Шикамаш ки гурӯсна монд, ба хона меояду дегро ба дег мезанаду шӯреро ба по мехезонад. Андешае ба сар надорад, ки надорад...

Аз ин суханҳои завҷааш мӯсафед ба шӯр омада бошад ҳам, токатро ба худ ихтиёр мекунаду оҳиста ба болои каташ мебарояд.

Дар ҳамин лаҳза назараш ба радиои деворӣ меафтад ва барои лаҳзае фориғ гаштан аз ғаму ғуссаҳо мурвати радиоро тоб медиҳад. Хас бахил, болои сӯхта намакоб, аз радио садои:

- Бибор, эй Барф, Бибор, Эй Барф...,- бо овози марғуладори сарояндаи хушадо Саидқули Билол танинандоз мешавад. Аз ин бобои Саид дар ғазаб шуда, мегӯяд:

- Ин Саидқули Билолро хезумаш бисёр аст чӣ, ин қадар баланд; - Бибор, эй Барф, Бибор, эй Барф мегӯяд!

**Нусратуллоҳи КАНГУРТӢ**

## Сканворд

